АБЕРАИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР «ТОҶИКИСТОН» с. 3

РАИСИ НАВИ КОММУНИСТОНИ ТОҶИКИСТОН КИСТ? с. 6

БУҶЕТИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2027 с. 13

ТОҶИКИСТОН

№ 44 (1708), 4.11.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост!



ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

Корхонаҳои нав ва лоиҳаҳои бузург дар соҳили Сир





ДАР ИН ШУМОРА:

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ
Кӣ, чӣ вазифа гирифт? с.3

МУҲОҶИР
Баҳонаҳои ихроҷ аз Русия ду баробар зиёд шуд с.14

4 ҲАЗОР ДОЛЛАР
Ваъдаи Мирзиёев ба табибон с.4

20 СОЛ
Тоҷикистон 100 млн доллар қарз гирифт с.5

ПЕШНИҲОД
Дар Нишони Тоҷикистон бояд шер бошад с.6

ЛАҲИСТОН
Кафшергар ва дӯзандаро ба кор даъват мекунад с.5

МУҲАММАДИ БАШОРО
Садои таърих аз деворҳои мақбара с.13

КАНЗИ ШИФО
Саратон табобат мешавад? с.13

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

Корхонаҳои нав ва лоиҳаҳои бузург дар соҳили Сир



ДАР ДОИРАИ САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД 84 ИНШООТ, АЗ ҶУМЛА КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ, МАРКАЗҲОИ ТАНДУРУСТИВУ ХИЗМАТРАСОНӢ, МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ МАВРИДИ ИСТИФОДА ҚАРОР ГИРИФТАНД.

БӮСТОН

ИСТЕҲСОЛИ ХӮРОКИ ЧОРВО ВА КОРКАРДИ ШОЛӢ

Рӯзи 1 ноябр Саркори давлатро дар Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд роҳбарияти вилояти Суғд ва дигар масъулон истиқбол гирифтанд. Нахустин иншооти мавриди баҳрабардорӣ корхонаи истеҳсоли хӯроки чорво ва парандаи ҶДММ «Базаи таъминот»-и ширкати «Барс» дар шаҳри Бӯстон буд. Корхонаро соҳибкор Мирзоабдураҳмон Мирзобаҳодуров бунёд кардааст. Иқтидори солонаи он 37 ҳазору 440 тонна маҳсулот буда, барои нигоҳдории ашёи хом ва маҳсулоти тайёр 10 анбор сохта шудааст. Бо оғози фаъолият наздики 70 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ гардиданд. Дар корхона хӯроки омехта барои чорвои калону майда, паранда ва моҳӣ бо тамғаи «Эко комбикорм» истеҳсол мешавад. Ба Президенти кишвар иттилоъ доданд, ки талаботи солонаи бозори кишвар ба чунин маҳсулот 450 ҳазор тонна буда, соли 2025 ба маблағи 100 миллион доллар хӯроки чорвою паранда ворид шудааст.

Дар ҳамин ҷо намоиши маҳсулоти ширкати «Барс», аз чумла равған, макарон, сабзавот ва нӯшокиҳо баргузор шуд. Ҳамчунин, корхонаи коркарди шолии «Агротрейдинг» ба таври фосилавӣ ифтитоҳ гардид. Он солона метавонад 24 ҳазор тонна шолиро коркард кунад ва 40 ҷойи корӣ дорад.

ХУҶАНД

БИНОИ НАВИ ҲХДТ БО КИТОБХОНАИ ЭЛЕКТРОНӢ

Дар Хуҷанд бинои нави кумитаи ичроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ва шаҳри Хуҷанд мавриди истифода қарор гирифт. Иншоот дар кӯчаи Камоли Хуҷандӣ ҷойгир буда, аз 47 ҳуҷраи корӣ, толори 250 - нафара, осорхона, китобхона ва маркази омӯзишӣ иборат аст.

Дар китобхона беш аз панҷ ҳазор китоб нигоҳдорӣ шуда, маҳзани электронии он як миллион нусха адабиётро фаро мегирад. Дар бино панелҳои офтобӣ насб гардидаанд. Маркази омӯзишӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ, омодасозии пешвоёни ҷавон ва ҳунаромӯзӣ пешбинӣ шудааст.

НОҲИЯИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

КОРХОНАҲО, МАКТАБҲО ВА КӮДАКИСТОНҲОИ НАВ

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров корхонаи «Сирдарё», ки онро бародарони Каримзода бунёд кардаанд, ба фаъолият оғоз намуд.

(Давомаш дар саҳ. 7)







Одил Дониш, абераи Аҳмади Дониш:

ИФТИХОР МЕКУНАМ, КИ АЗ МИЛЛАТИ ТОҶИК ҲАСТАМ

ОДИЛ ДОНИШ, АБЕРАИ ДОНИШМАНД, НАВИСАНДА ВА МУТАФАККИРИ БУЗУРГИ ТОҶИК АҲМАД МАҲДУМИ ДОНИШ БО ДАЪВАТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ДУШАНБЕ ОМАД. Ӯ АЗ ЧЕҲРАҲОИ ШИНОХТАИ СОҲАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР МИСР БУДА, РАЁСАТИ ШИРКАТҲОИ БУЗУРГИ «SMART VILLAGES» ВА «SILICON WAHA»-РО БАР УҲДА ДОРАД. ОДИЛ ДОНИШ ДАР НАХУСТИН САФАРАШ БА ТОҶИКИСТОН ДАР КОНФРОНСИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ (AICONF-2026) ИШТИРОК НАМУДА, БО НАМОЯНДАГОНИ ҲУКУМАТИ КИШВАР, АҲЛИ ИЛМУ АДАБ ВА ФАРҲАНГ МУЛОҚОТ КАРД. ЗИМНИ ИН САФАР ОДИЛ ДОНИШ ҲАМЧУНИН, МЕҲМОНИ ИДОРАИ ҲАФТАНОМАИ «ТОҶИКИСТОН» НИЗ ШУД. МО БО ЭШОН СУҲБАТИ ГАРМЕ ДОШТЕМ, КИ САРНАВИШТИ ХОНАДОНИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР МИСР, ҲИФЗИ НАСАБИ ДОНИШ, МЕРОСИ ИЛМИИ ИН МУТАФАККИРИ БУЗУРГ ВА ТААССУРОТИ ОДИЛ ДОНИШ АЗ САРЗАМИНИ АҶДОДӢ ДАР МЕҲВАРИ ОН ҚАРОР ДОШТ.



- Ҷаноби Одил Дониш, хуш омадед ба Тоҷикистон, ба Ватани аҷдодии худ!

- Ташаккур!

- Одил-ака, иҷозат диҳед ба шумо бо ҳамин шеваи маъмули бухороиҳо мурочиат кунам. Вақте ба Тоҷикистон омадед ва шунидед, ки дар ин ҷо номи бобокалонатон Аҳмади Донишро бо эҳтироми зиёд ба забон меоранд, чӣ эҳсос кардед?

- Пеш аз ҳама, мехоҳам миннатдории самимии худро ба Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён намоям, ки маро ба Тоҷикистон даъват карданд. Барои ман ин сафар бисёр муҳим ва хотирмон аст. Аз он хушҳолам, ки ба сарзамини аҷдодии худ омадам ва мебинам, ки номи бобокалонам Аҳмади Дониш дар ин ҷо бо эҳтиром ёд мешавад.

- Барои ман ва барои мардуми Тоҷикистон бисёр ҷолиб аст, ки хонадони Дониш чӣ гуна дар Миср падид омад. Метавонед дар бораи таърихи ба Миср рафтани Аҳмади Дониш ва сарнавишти авлоди ӯ нақл кунед?

- Мехоҳам нахуст дар бораи сафари Аҳмад Маҳдуми Дониш ба Миср сухан гӯям. Тибқи маълумоте, ки дар хонадони мо аз насл ба насл расидааст, ин сафар баъди бозгашти ӯ аз Санкт-Петербург сурат гирифтааст. Маълум аст, ки Аҳмади Дониш пас аз сафарҳояш ба Русия ба амири Бухоро оид ба ислоҳоти соҳаи маориф, илм ва давлатдорӣ пешниҳодҳои зиёде мекунад. Аммо ин пешниҳодҳо аз ҷониби амир пазируфта намешаванд. Ва ин боиси сард шудани муносибати ӯ бо амир мешавад. Дар ҳамин давра Аҳмади Дониш ба сафари Ҳаҷ меравад. Тибқи ривояти хонаводагии мо, ӯ дар фосилаи солҳои 1874-1885, ҳангоми бозгашт аз сафари Ҳаҷ, ба Миср омада, муддате дар ин кишвар зиндагӣ кардааст. Гуфта мешавад, ки ӯ тақрибан се то панҷ сол дар шаҳри Танто, вокеъ дар садкилометрии шимоли Қоҳира иқомат доштааст. Дар ҳамин шаҳр Аҳмади Дониш бо бибикалони мо, ки зани мисрӣ буд, издивоҷ мекунад. Аз ин издивоҷ ду писар - Муҳаммад ва Абдурраҳмон ба дунё меоянд. Баъдан Аҳмади Дониш Мисрро тарк карда, бе ҳамсару фарзандонаш ба Бухоро бармегардад.

Ман набераи Муҳаммад Дониш, писари Аҳмади Дониш ҳастам. Ҳамсару фарзандони Аҳмади Дониш дар шаҳри Танто зиндагиро идома медиҳанд. Онҳо дар он ҷо такя ё хонақоҳи хонаводагии худро ташкил мекунанд. Он замон бисёре аз бухороиҳое, ки барои адои Ҳаҷ ба Макка мерафтанд, аз Миср мегузаштанд. Зеро роҳи маъмулии сафар тавассути Эрону Ироқ чандон амн набуд. Ин мусофирон аксаран дар такяи хонадони мо таваққуф мекарданд. Ҳамин тавр, хонадони Дониш дар Миср ташаккул ёфт ва наслҳои баъдӣ низ дар ин кишвар ба воя расиданд. Бо вуҷуди гузашти солҳо пайванди мо бо Бухоро ва решаҳои аҷдодиамон фаромӯш нашуд.

- Акнун мехостам дар бораи авлоди Аҳмади Дониш дар Миср бештар маълумот диҳед. Онҳо ба чӣ корҳо машғул буданд ва имрӯз намояндагони ин хонавода дар кадом соҳаҳо фаъолият мекунанд?

- Бобои мо Муҳаммад Дониш панҷ писар ва як духтар дошт. Ӯ ба илму маърифат таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекард ва мехост, ки фарзандонаш соҳибилму соҳибкасб шаванд. Талош мекард, ки роҳи маорифпарварии падари худ Аҳмади Донишро идома диҳад.

Масалан, бо талоши ӯ аммаи ягонаи ман Саъдия дар соҳаи тиб таҳсил кардааст. Ӯ тақрибан дар солҳои 1920-1930 таҳсилашро анҷом дода, аз ҷумлаи аввалин занони мисрӣ буд, ки дар он давра соҳиби маълумоти тиббӣ гардид. Ин барои он замон кори осон набуд. Аммо бобои мо ба таҳсили духтарон низ аҳамияти зиёд медод.

(Давомаш дар саҳ. 10)

МАЪЛУМОТНОМА

Одил Дониш (Adel Danish) соли 1949 дар Миср ба дунё омадааст. Ӯ муҳандис, соҳибкор, мутахассиси соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсия аст. Одил Дониш дар Қоҳира ва Париж таҳсил карда, фаъолияти касбиашро дар Маркази илмии ширкати байналмилалии IBM дар Париж оғоз намудааст. Соли 1978 дар Фаронса ширкати Standard-Data S.A.-ро таъсис дода, минбаъд дар рушди ширкатҳои технологияҳои иттилоотӣ дар Фаронса, Миср ва ИМА саҳм гузоштааст.

Солҳои 2000-2012 узви Шурои директорони ширкати бузурги телекоммуникатсионии Telecom Egypt ва солҳои 2001-2013 раис ва директори генералии ширкати Xceed буд. Ӯ раиси ширкати Smart Villages Company ва раиси Шурои мудирони Silicon Waha буда, дар рушди шаҳраккҳои фанноварӣ ва инфрасохтори рақамии Миср саҳми назаррас дорад. Одил Дониш муаллиф ва ҳаммуаллифи чандин патенти байналмилалӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсия мебошад. Соли 2000 бо ордени миллии «Барои хизматҳо»-и Ҷумҳурии Фаронса, дараҷаи кавалер, сарфароз гардидааст.

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ

Кӣ, чӣ вазифа гирифт?

4 ноябр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон як қатор тағйироти кадрӣ амалӣ намуд.

Мирзозода Мусо Одинамуҳаммад муовини якум, Назарзода Ризо Шодӣ, Насулобекзода Диловаршо Насуллобек ва Нуриддинзода Некруз Зиёвиддин муовинони раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъин гардида, Фурқати Ҳукумат ва Амирбекзода Ҳабибулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовинони раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод карда шуданд.

Ҳамчунин, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуданд:

- **Комилбек Амид,** *иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Хоруғ;*
- **Амирбекзода Ҳабибулло,** *иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Дарвоз;*
- **Вализода Қурбон,** *иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Вахш;*
- **Собирзода Шералӣ,** *иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Дӯстӣ;*
- **Юсуфзода Қурбоналӣ,** *иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Кӯшониён;*
- **Ризозода Дилшод,** *иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Муъминобод;*
- **Гулзода Зафар,** *иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ;*
- **Дилшоди Давлаталӣ,** *иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Фархор;*
- **Нишонзода Даврон,** *иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Кубодиён;*
- **Маҳмудзода Муслиҳиддин,** *раиси ноҳияи Шамсиддин Шоҳин;*
- **Нурмаҳмадзода Тоҷиддин,** *иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Сангвор;*

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуданд:

- **Назирӣ Зариф,** *директори Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ;*
- **Рачабзода Сироҷиддин,** *ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев;*
- **Мирзода Сайдулло,** *директори МД «Маркази идораи лоиҳаи «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо».*



ОБАМА:ҶАНГ БО ЭРОН АМРИКОРО «ОСЕБПАЗИР» КАРДААСТ

БАРАК ОБАМА, РАИСҶУМҲУРИ ПЕШИНИ АМРИКО ГУФТААСТ, КИ КОҲИШ ЁФТАНИ ЗАХИРАҲОИ МУШАКИИ АМРИКО ДАР ҶАНГ БО ЭРОН ИН КИШВАРРО ОСЕБПАЗИРТАР КАРДААСТ.

«Ал-Ҷазира» субҳи рӯзи панҷшанбе, 29-уми октябр гузориш додааст, ки Обама ин мавзуъро дар ҷараёни як ҳамоиши интихоботӣ дар иёлоти Ҷорҷия баён кардааст.

Бар асоси гузориш, Обама далелҳои Доналд Трамп, раисҷумҳури Амрикоро барои оғози ҷанг алайҳи Эрон зери суол бурда, гуфтааст, ки Теҳрон ҳеҷ гуна силоҳи ҳастаӣ дар ихтиёр надошт.

Ӯ ҳамчунин аз харочот ва паёмадҳои ин ҷанг интиқод карда, гуфтааст: «Ба муттаҳидон ва пойгоҳҳои мо ҳамла шудааст. Амрикоиҳо кушта шудаанд ва садҳо нафари онҳо захмӣ шудаанд. Мо захираҳои мушакии худро коҳиш додаем, ки ин моро осебпазиртар кардааст ва акнун Эрон дар масъалаи тангаи Ҳурмуз ҳаққи вето дорад».

Бо ин ҳама, Барак Обама қаблан низ бо интиқод аз ҷанги Амрико бо Эрон, аз созиш дар бораи барномаи ҳастаии Эрон, маъруф ба «БАРҶОМ», ки соли 2015 дар замони раёсати ҷумҳуриаш имзо шуда буд, ҳимоят кардааст.

ТАҲДИДИ ТРАМП ВА ПОСУХИ ЭРОН



ПРЕЗИДЕНТИ ИМА ДОНАЛД ТРАМП МЕГӮЯД, ЭРОН ДОРОИ МУШАКҲОЕ МЕБОШАД, КИ ҚОДИРАНД БА ҚАЛАМРАВИ АВРУПО БИРАСАНД. Ӯ ҲАМЗАМОН АЗ АМАЛИЁТИ НИЗОМИИ ВАШИНГТОН АЛАЙҲИ ТЕҲРОН, МУҲОСИРАИ БАҲРИИ ЭРОН ВА ОТАШБАСИ МУВАҚҚАТӢ СУҲБАТ КАРДА, ИЗҲОР ДОШТ, КИ ИМА НИЯТ ДОРАД НАГУЗОРАД ЭРОН БА СИЛОҲИ ҲАСТАЙ ДАСТ ЁБАД.

Доналд Трамп, президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ҳушдор додааст, ки Вашингтон метавонад ба Эрон зарбаи сахти низомӣ занад. Аммо ба гуфтаи ӯ, ҳукумати Амрико ҳоло талош дорад, ки танишҳо бо Теҳронро бо роҳи музокироти дипломатӣ ҳал намояд. Трамп рӯзи 1-уми ноябр дар як гирдиҳамоии интихоботӣ дар иёлоти Айова изҳор доштааст, ки то кунун ба хотири пешгирӣ аз талафоти ҷонӣ аз анҷоми ҳамлаи ниҳоӣ ба Эрон худдорӣ кардааст. Вай таъкид намудааст, ки дар сурати натиҷа надодани гуфтушунидҳо Вашингтон метавонад иқдоми низомии сангин анҷом диҳад.

Раисҷумҳури Амрико ҳамчунин иддао кардааст, ки тавонои низомӣ ва барномаи ҳастаии Эрон ба таври ҷиддӣ заиф шудаанд ва муноқиша ба зудӣ поён хоҳад ёфт. Ӯ гуфтааст, ки талош дорад бо намояндагони раҳбарияти Эрон барои расидан ба созиш музокира кунад.

Дар ҳамин ҳол, рӯзи 2-юми ноябр хабар расид, ки намояндагони Эрон пас аз музокира бо миёнравон дар Қатар ин кишварро тарк кардаанд. Қатар барои коҳиши танишҳо миёни Вашингтон ва Теҳрон миёнравӣ мекунад. Аз сӯйи дигар, шабакаи 12-уми телевизиони Исроил гузориш додааст, ки Бенямин Нетаняҳу, сарвазири ин кишвар аз Трамп хостааст, ки пас аз интихоботи миёндавраии Амрико амалиёти низомӣ алайҳи Эрон аз сар гирифта шавад. Аммо Трамп, бино ба ин гузориш, ҷонибдори додани фурсати бештар ба музокироти дипломатӣ будааст. Дар посух Муҳаммад Акраминиё, сухангӯи артиши Эрон ҳушдор додааст, ки дар сурати ҳамлаи дубораи Амрико Теҳрон вокуниши фаврӣ ва шадид нишон медиҳад. Ба гуфтаи ӯ, ҷанги эҳтимолии нав метавонад аз ҳудуди Ғарби Осиё фаротар равад. Неруҳои мусаллаҳи Эрон феҳристи ҳадафҳои эҳтимолиро нав карда, омодагии низомии худро тақвият медиҳанд. Акраминиё таъкид кардааст, ки иншоот, таҷҳизот, неруҳо ва манфиатҳои Амрико дар ҳар минтақае, ки дар доираи дастрасии силоҳҳои Эрон қарор доранд, метавонанд ҳадафи ҳамла шаванд.

Ин изҳорот дар шароите садо медиҳад, ки танишҳои низомӣ идома дошта, талошҳои дипломатӣ барои пешгирии ҷанги нав ҳанӯз натиҷаи ниҳоӣ надодаанд.



ЗЕЛЕНСКИЙ БА МАСКАВ БИЁЯД!

СЕРГЕЙ ЛАВРОВ, ВАЗИРИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ РУСИЯ ГУФТААСТ, КИ АГАР РАИСҶУМҲУРИ УКРАИНА ХОҲОНИ ДИДОР БО ҲАМТОИ РУСАШ БОШАД, БОЯД БА МАСКАВ САФАР КУНАД.

Ба гузориши хабаргузории ТАСС, Лавров ҳамчунин бо ишора ба нишасти ояндаи Созмони ҳамкории иқтисодии Осиё ва Уқёнуси Ором (АПЕК) гуфтааст, ки дидори сеҷонибаи раҳбарони Русия, Чин ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар ҳошияи ин нишаст метавонад муфид ва арзишманд бошад.

Вазири корҳои хориҷии Русия дар бахши дигари изҳороташ таъкид кардааст, ки мавқеи Маскав дар остонаи музокироти Абузабӣ ҳеҷ тағйире накардааст.



САФИРИ БЕЛАРУСИЯ ДАР ҲУКУМАТИ ТОЛИБОН

АЛЕКСАНДР ОГОРОДНИКОВ, САФИРИ ҒАЙРИМУҚИМИ БЕЛАРУСИЯ ДАР АФҒОНИСТОН РӮЗИ 1-УМИ НОЯБР ЭЪТИМОДНОМАИ ХУДРО БА МУЛЛО МУҲАММАД ҲАСАН ОХУНД, РАИСИ ҲУКУМАТИ ТОЛИБОН, СУПУРД.

Ин иқдом дар пасманзари густариши равобити дипломатӣ ва иқтисодии Минск бо ҳукумати Толибон сурат гирифтааст.

Маросими супурдани эътимоднома дар қасри Арг, қароргоҳи ҳукумати Толибон дар Кобул, баргузор гардид. Дар он Амирхон Муттақӣ, вазири корҳои хориҷии Толибон ва Абдулвосеъ, раиси дафтари нахуствазир низ ҳузур доштанд.

Ба иттилои дафтари раиси ҳукумати Толибон, зимни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои густариши ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва ҳамлу нақлро баррасӣ кардаанд. Мулло Ҳасан Охунд оғози фаъолияти сафири Беларусияро марҳилаи нави муносибатҳои ду кишвар арзёбӣ намуда, изҳори умед кардааст, ки ҳамкориҳои Кобулу Минск дар бахшҳои гуногун густариш меёбанд.



ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ, РАИСҶУМҲУРИ ЎЗБЕКИСТОН БАРОИ БОЗГАШТИ ПИЗИШКОНИ ЎЗБЕК АЗ ХОРИҶА БА ЗОДГОҲАШОН ШАРОИТИ БЕҲТАР ВАЪДА ДОД.

4 ҲАЗОР ДОЛЛАР ИЛОВАПУЛӢ

Ӯ 27-уми октябр дар мулоқот бо кормандони соҳаи тандурустӣ гуфт, ки барои онҳо на танҳо ҷойи кору маош, балки ҳар моҳ то 4 ҳазор доллар иловапулӣ дода мешавад. Дафтари матбуоти президенти Ӯзбекистон навишт, ки ба ҷуз ин, ба онҳо имкон дода хоҳад шуд, ки дастаи мутахассисони худро мустақилона интихоб кунанд. Мирзиёев ба пизишкони дохили ҷумҳурӣ низ баъзе сабукиҳо ва имтиёзҳо эълон кардааст. «Ман фақат мехоҳам, ҳар корманди соҳаи тиб аз худ бипурсад, ки имрӯз барои беҳтар шудани саломатии мардум чӣ кор кард? Агар мо ҳар рӯз ба ин суол чавоб ёбем, ин ба дигаргунии калоне ҳам дар низоми тандурустӣ ва ҳам дар вазъи саломатии мардуми мо оварда мерасонад», - гуфтааст раисҷумҳури Ӯзбекистон.

Қаблан дар Ӯзбекистон, чун дар дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ падидаи «фирори мағзҳо» зиёд буд. Донишмандону муҳандисон табибон, омӯзгорон ва барномасозон бо сабаби даромади каму таварруми баланд дар Ӯзбекистон ба Русия, Аврупо, Иёлоти Муттаҳида, Канада ва Имороти Муттаҳидаи Арабӣ кӯчидаанд. Шавкат Мирзиёев баъди ба қудрат расидан ҳамватанони соҳибихтисосашро, ки дар хориҷа кору зиндагӣ мекунанд, барои бозгашт ба Ӯзбекистон даъват кардааст.

БУҶЕТИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2027

ДАРОМАДИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2027 ДАР ҲАҶМИ 80,1 МИЛЛИАРД СОМОНӢ ПЕШБИНӢ ШУДААСТ, КИ НИСБАТ БА БУҶЕТИ ТАСДИҚШУДАИ СОЛИ 2026 БА АНДОЗАИ 15,1 МИЛЛИАРД СОМОНӢ Ё 23,2 ДАРСАД БЕШТАР МЕБОШАД. АЗ ИН МАБЛАҒ 36,7 МИЛЛИАРД СОМОНӢ БАРОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ РАВОНА ХОҲАД ШУД.



Рӯзи 29 октябр таҳти раёсати Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати кишвар баргузор гардид, ки дар он лоиҳаи Қонун «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2027» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷет барои солҳои 2028–2029 баррасӣ шуд.

Тибқи иттилои хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон, даромади буҷети давлатӣ дар соли оянда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои воридот 80,1 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Барои муқоиса, даромади буҷети соли 2026 дар ҳаҷми 65 миллиард сомонӣ ва хароҷоти он тақрибан 67 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шуда буд.

36,7 МИЛЛИАРД СОМОНӢ БАРОИ СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ

Дар лоиҳаи буҷети соли 2027 барои маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ 36,7 миллиард сомонӣ ҷудо кардани маблағ пешбинӣ шудааст. Ин нишондиҳанда 44,8 дарсади ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати буҷетӣ ба ҳисоб рафта, ба фаъолияти муассисаҳои маорифу тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ алоқаманд аст.

Ҳамчунин, тибқи дурнамои пешниҳодшуда, даромади буҷети давлатӣ дар соли 2028 ба 90,2 миллиард сомонӣ ва соли 2029 ба 104,6 миллиард сомонӣ хоҳад расид.

СУПОРИШҲОИ ПРЕЗИДЕНТ БА ВАЗОРАТУ ИДОРАҲО

Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси Ҳукумат ба вазорату идораҳои марбута чиҳати рақамикунонии фаъолият ва мубодилаи электронии маълумот, васеъ намудани заминаи андозбандӣ ва бартараф кардани қарзҳои андозӣ супориш доданд.

Ҳамзамон, зарурати зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, коҳиш додани вобастагӣ аз воридот ва истифодаи самараноки имкониятҳои иқтисодии кишвар таъкид гардид. Саркори давлат дастур доданд, ки лоиҳаи қонун дар бораи буҷети соли 2027 маъқул дониста шуда, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод гардад.

ТОҶИКИСТОН 100 МИЛЛИОН ДОЛЛАР ҚАРЗ ГИРИФТ

САНДУҚИ АВРУОСИЁИИ СУБОТУ РУШД (САСР) РӮЗИ 30 ОКТЯБР БАХШИ АВВАЛИ ҚАРЗИ ИМТИЁЗНОКРО ДАР ҲАҶМИ 100 МИЛЛИОН ДОЛЛАР БА ТОҶИКИСТОН ИНТИҚОЛ ДОД. ИН МАБЛАҒ НИСФИ ҚАРЗИ УМУМИИ 200 МИЛЛИОН ДОЛЛАРРО ТАШКИЛ МЕДИҲАД, КИ БАРОИ ДАСТГИРИИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ВА ТАТБИҚИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ ПЕШБИНӢ ШУДААСТ.



ҚАРЗ БАРОИ 20 СОЛ

Тавре аз вазорати молияи Тоҷикистон хабар медиҳанд, қарз ба муҳлати 20 сол бо меъёри фоизии солонаи як дарсад ва давраи имтиёзноки 10-сола пешниҳод гардидааст.

Созишномаи пешниҳоди қарз 13 августи соли 2026 дар Душанбе миёни вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва мудири иҷроияи САСР Ярослав Мандрон ба имзо расида буд.

Тибқи созишнома, маблағгузорӣ дар се марҳила амалӣ мегардад. Дар марҳилаи аввал Тоҷикистон 100 миллион доллар ва дар ду марҳилаи баъдӣ ҳар кадом 50 миллион доллар дарёфт мекунад.

Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон қаблан созишномаро тасдиқ карда, он аз 16 октябр мавриди амал қарор гирифтааст. Ҷудо шудани 100 миллион доллари боқимонда ба иҷрои тадбирҳои пешбинишудаи барномаи ислоҳот вобаста хоҳад буд.

ҚАРЗ БА КАДОМ СОҲАҲО РАВОНА МЕШАВАД?

Ба иттилои САСР, маблағҳо барои дастгирии барномаи суботи иқтисодӣ ва ислоҳоти Ҳукумати Тоҷикистон ва Бонки миллӣ барои солҳои 2025-2027 равона мегарданд.

Аз ҷумла, маблағгузории хароҷоти буҷети давлатӣ, бахусус соҳаҳои иҷтимоӣ, коҳиши хавфҳои буҷетӣ, бехтар намудани ҷамъоварии андозҳо ва таҳкими устувории молиявии кишвар дар назар аст.

Ярослав Мандрон таъкид кардааст, ки шартҳои имтиёзии қарз ба ҳифзи қобилияти пардохтпазирии Тоҷикистон мусоидат намуда, барои рушди устувори иқтисодӣ замина фароҳам меоранд.

Ин қарз дар шароите ҷудо мешавад, ки Тоҷикистон барои иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ, аз ҷумла пардохти вомбаргҳои байналмилалии худ, ба маблағҳои иловагӣ ниёз дорад. Ёдовар мешавем, ки Сандуқи авруосиёии суботу рушд соли 2009 аз ҷониби шаш давлат - Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Тоҷикистон таъсис ёфтааст.

Ҳаҷми умумии захираҳои сандуқ 9,8 миллиард доллар буда, ҳадафи он дастгирии суботи молиявӣ, рушди иқтисодӣ ва маблағгузории ислоҳоту лоиҳаҳои зерсохторӣ дар кишварҳои узв мебошад.

ЛАҲИСТОН МУҲОҶИРОНРО БА КОР ДАЪВАТ МЕКУНАД

Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон аз ҷалби кафшергарону дӯзандагони тоҷик ба кор дар Лаҳистон хабар дод. Ба иттилои ин ниҳод, маоши пешниҳодшуда тақрибан аз 9 доллар дар як соат оғоз мешавад.

Хадамоти муҳоҷират рӯзи 3 ноябр эълон кард, ки корфармоёни Лаҳистон ба кафшергарони дорои таҳассусҳои MIG, MAG ва TIG эҳтиёҷ доранд. Барои довталабон синни аз 23 то 45-сола, доштани диплом ё шаҳодатномаи касбӣ, донистани забони русӣ ё англисӣ ва таҷрибаи корӣ шарт гузошта шудааст. Дастмузди кафшергарон аз 8,91 доллар дар як соат оғоз меёбад. Теъдоди ҷойҳои кории пешниҳодшуда мушаххас нест.

Ҳамзамон, барои кор дар корхонаҳои дӯзандагии Лаҳистон то 80 нафар ҷалб карда мешаванд. Довталабон бояд аз 25 то 45 сол дошта, забони русӣ ё англисиро хуб донанд ва на кам аз се сол таҷрибаи корӣ дошта бошанд. Музди меҳнат аз 9 доллар дар як соат оғоз гардида, ба иттилои мақомот, метавонад моҳона тақрибан 2500 долларро ташкил диҳад.

Шаҳрвандони хоҳишманд метавонанд барои гирифтани маълумоти бештар ба Маркази машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирон дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 121 муроҷиат кунанд. Рақами телефон: 225-05-75. Вақти корӣ аз душанбе то ҷумъа, соати 8:00-17:00 мебошад.

Мақомот шаҳрвандонро хушдор додаанд, ки танҳо ба манбаъҳои расмӣ такя карда, то тасдиқи шартҳои кор ба миёнаравҳо маблағ насупоранд.

Тибқи пажӯҳиши Маркази таҳқиқоти муҳоҷирати Донишгоҳи Варшава, дар се моҳи соли 2026 ба қариб шаш ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон иҷозатномаи кор дар Лаҳистон дода шудааст. Ҳоло дар ин кишвар то 30 ҳазор муҳоҷир аз Осиёи Марказӣ қарор доранд.

Дар солҳои охир Тоҷикистон барои коҳиш додани вобастагии муҳоҷирати меҳнатӣ аз Русия талош дорад бозорҳои нави кориро дар кишварҳои Аврупо, Британияи Кабир, Қатар, Қувайт ва Кореяи Ҷанубӣ дастрас намояд.



КӮЧАИ БА НОМИ МУҲАММАДҶОН ШАКУРӢ

Донишмандони тоҷик Карорматулло Олимов ва Абдуҷаббор Раҳмонзода пешниҳод кардаанд, ки яке аз кӯчаҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумии пойтахт ба номи академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой гузошта шавад.

Ин пешниҳод рӯзи 28 октябр дар маҳфили илмӣ-адабие, ки ба муносибати 100-солагии зодрӯзи донишманди маъруф дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон баргузор гардид, садо дод.

Муҳаммадҷон Шакурии Бухоро (1926-2012) аз чеҳраҳои барҷастаи илму фарҳанги тоҷик, муаллифи даҳҳо китоб ва садҳо мақолаи илмӣ аст.



РАИСИ НАВИ КОМУНИСТОН КИСТ?

Заррагул Мирасанова иҷрокунандаи вазифаи раиси Ҳизби коммунистии Тоҷикистон шуд. Дар ин бора аз дафтари ин ҳизб ба pressa.tj хабар доданд.

Пас аз даргузашти Мироҷ Абдуллоев, раиси Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, ки 9 сол ин ҳизбро роҳбарӣ мекард, мақом холӣ буд. Иҷрокунандаи раиси Ҳизби коммунистии Тоҷикистон ба pressa.tj гуфт, ки тасмим дорад бештар ҷавононро ба сафи ин ҳизб шомил намояд, ҳамкориро бо ҷомеи шаҳрвандӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва мақомоти давлатӣ густариш дишҳад.

Заррагул Мирасановаи 71- сола дар ноҳияи Шуғнони ВМКБ таваллуд шуда, то ин замон котиби кумитаи марказии ҳизб, муовини раиси ҳизб буд. Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, ба иттилои роҳбаронаш бештар аз 33 ҳазор аъзо дорад.

НИШОНИ ТОҶИКИСТОН БОЯД ШЕР БОШАД

ПАРЧАМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОНРО НАМОДШИНОСОН ЯКЕ АЗ ЗЕБОТАРИН ПАРЧАМҲО ДОНИСТААНД. АММО ТАЪБИРУ ТАФСИРЕ, КИ АЗ ИН ПАРЧАМ ДАР БАРХЕ МАНОБЕЪИ РАСМӢ ВА ИТТИЛОЪОТИИ ТОҶИКӢ ОВАРДА ШУДА ВА АЗ ОНҲО БА ДОНИШНОМАҲО РОҲ ЁФТА АСТ, ЧАНДОН БО РАНГШИНОСИВУ НАМОДШИНОСИИ ТОҶИКӢ СОЗГОР НЕСТ. РАНГҲОИ ПАРЧАМИ ТОҶИКИСТОН ПЕШИНАЕ СЕҲАЗОРСОЛА ДОРАНД ВА АСЛАН НАМОДИ ОЗОДӢ (СУРХ), ОРОМӢ (САФЕД) ВА ОБОДӢ (САБЗ) ҲАСТАНД. ДАР ИН БОРА ГУФТОРЕ ҶУДОГОНА МЕБОЯД.



Аммо нишони кунунии Тоҷикистон, афзун бар он ки вижагиҳои миллату кишвари Тоҷикистонро наменамоёнад, аз диди намодшиносон чанд камбуди дигар ҳам дорад:

1. Нахуст ин, ки ин нишон бо моҳияти ҳукумати кунунии Тоҷикистон аз бех носозгор аст. Тоҷикистон дигар ҳукумате коргариву кишоварзӣ надорад, ки пахтаву гандум нишонаш бошад. Ин чанбара бо путку дос дар нишони шуравии кишварамон намоди ҳукумати коргарону кишоварзон (путку дос) ва офтоб – намоди нерӯи ҷонбахши коммунизм буд. Нишони ҶШС Тоҷикистон рӯбардоште буд аз нишони Иттиҳоди Шуравӣ ва нишонсозии сусиёлистӣ вижагиҳое дошт, ки дар он замону шароит маъниву мафҳум доштанд, вале акнун дигар маъние надоранд.

2. Дигар ин ки ҳар нишоне бояд ҳатман сипар дошта бошад ва нишони Тоҷикистон нест. Агар тоҷ бар сари сипар гузошта мешуд, онгоҳ намоди озодӣ ва истиқлоли кишвар мебуд, чунон ки дар нишони бештари кишварҳои ҷаҳон аст. Аммо тоҷ бо чунин намуде, ки дар нишони Тоҷикистон дорад, дар ҳунару фарҳанги тоҷикӣ бесобиқаву беназир аст. Тасвири тоҷҳои шоҳони ариёии Эрон (Ҳахоманишиёну Ашкониёну Сосониён) ва Турон (хоразмиёну суғдиёну балхиёну сакоҳо ва Кушониёну Ҳайтолиён) дар сиккаву тангаву деворнигораву сангнигораҳои бешуморе боқӣ мондааст ва ҳеҷ кадоме аз онҳо чунин намуде надорад. Ин тоҷҳо бештар чанбаре аз зар будаанд, ки чаҳор кунгураи чаҳорзина ва андарунашон кулоҳи махмалин ва бар сарашон нишоне аз хуршеду моҳу болҳои заррин ва ё дигар намодҳо доштаанд. Тоҷе, ки бар сари тандиси Амир Исмоил Сомонӣ дар Душанбе гузоштаанд, шабеҳи он тоҷҳои бостонӣ ва торихӣ аст.



Яке аз намунаҳои пешниҳодӣ ба Нишони давлатии Тоҷикистон дар соли 1992

нишонаи зӯру тавону нерӯву далериву паҳлавонӣ будааст. Ин маъниро бехтар аз ҳама аз «Шоҳнома» метавон дарёфт. Аз ҳамин рӯст, ки мо ҳануз ҳам мардони далеру зӯру тавоноро «шер» меномем ва Шери Панҷшер – шаҳид Аҳмадшоҳ Масъуд яке аз онҳост. Дар баробари ин шер ҳамчунин намоди кишвардорӣ ва подшоҳӣ низ будааст. Аз ҷумла бузургвор Фирдавсӣ дар байте аз «Шоҳнома» шерро нишони Тур писари Фаридун гуфта ва ӯ нахустин подшоҳи Турон буд, ки Тоҷикистон бахше аз он аст. Бозёфтҳои бостоншиносӣ гувоҳанд, ки шери болдор нишони подшоҳони Суғд буда ва ин матлабро деворнигорае дар Афросиёб – вайронаҳои кохи подшоҳони Суғд дар Самарқанд, ошкор мекунад. Шер ҳамчунин нишони шоҳони Хатлон буда аст. Акнун шер ҳамчун рамзи қудрат, нерӯмандӣ ва шукӯҳи кишвар Нишони Раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Пас бо пазириши ин далел, ки тоҷикон фарзандони турониёну суғдиёнанд ва Тоҷикистон дар бахше аз сарзамини пешини он кишвари бостонӣ ҷой дорад, ҳукумати Тоҷикистон бояд як гоми дигар ҳам бардорад ва шерро бар нишони кишвари Тоҷикистон нишонад. Чун имсол 35-умин солгарди истиқлоли кишварамонро ҷашн гирифтем, беҳтарин фурсат ва муносибат аст, ки нишонеро, ки нахустин намоди озодии Тоҷикистон буда ва нишоне таърихӣ, Шоҳномай ва воқеъан миллӣ аст, дубора ба кор барем.

Дигар ин ки дар паи «бозгашти» шер бар нишони кишвар, бо баҳрабардорӣ аз ин намод барои ниҳодҳои кишварӣ ва артишии Тоҷикистон низ нишонҳое метавон сохт. Барои ин кор бояд як коргурӯҳ ё кумисюне ташкил дод, ки кораш омӯзишу пажӯҳиш дар нишоншиносӣ ва намодшиносӣ бошад. Ногуфта намонад, ки сарзаминҳое, ки имрӯз бахшҳое аз кишварамон ҳастанд, ки дар гузашта подшоҳиҳое чудогонае будаанд ва барои худ ному нишоне доштаанд. Ин коргурӯҳ бояд он нишонҳоро чӯяд ва аз барои нишонсозӣ барои бахшҳои кишвар ба кор барад.

онро надорад. Сипар дар нишонсозӣ (ҳеролдик) заминаест, ки ҳама намодҳову нишонаҳое, ки дорандаи нишонро мешиносонанд, дар дарун ва гирдогирди он нигошта мешаванд. Дар нишони кунунии Тоҷикистон ин сипар (замина) дуруст нигошта нашудааст ва чунин ба назар мерасад, ки тоҷ «по дар ҳаво» аст.

3. Севум ин, ки тоҷ ҳам дар миёни нишон маъние надорад. Тоҷро бар сар мегузоранд, салла нест, ки чун камарбанд дар миёнаш банданд. Ин тоҷ дар нишони кишварамон намоди гӯёест, ки номи миллатро мерасонад, яъне тоҷ = тоҷик, ки чунин ҳам

4. Чаҳорум ин, ки нишони кунунӣ танҳо таърихи садучандсолаи ҷумҳурии Тоҷикистонро (1924 – 2026) бозтоб медиҳад, на таърихи чандинҳазорсолаи кишвардории тоҷиконро (аз Пешдодиён то имрӯз).

Ин нуктаро бузургони донишу фарҳангамон низ, аз ҷумла устодон Муҳаммадҷон Шакурӣ, Акбар Турсон, Адаш Истад ва дигарон, борҳо ёдоварӣ карда ва аз нишони кунунии кишварамон интиқод кардаанд.

Суханро кӯтоҳ кунам, нишони Тоҷикистон бояд шер бошад. Зеро шер яке аз куҳантарин намодҳои тоҷикист ва аз гаҳи бостон то кунун замон

Бо дар назар гирифтани ин пешина ва корбурд нишонеро, ки дар акс мебинед, барои нишони давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунам, ки бо илҳом аз «Шоҳнома» тарроҳӣ шудааст:

Яке бо шумо боз паймон кунам,
Забонро ба Яздон гаравгон кунам.
Биёрем шоҳаншаҳӣ тахти оҷ,
Бараш барниҳем ин гаронмоя тоҷ.
Зи беша ду шери жаён оварем,
Ҳамон тоҷро дар миён оварем.
Бубандем шери жаён бар ду сӯй,
Касеро, ки шоҳӣ кунад орзӯй,
Шавад, тоҷ баргирад аз тахти оҷ,
Ба сар барниҳад номбардор тоҷ.
Ба шоҳӣ нишинад миёни ду шер,
Миён шоҳу тоҷ аз бару тахт зер.

(Абулқосим Фирдавсӣ, «Шоҳнома», достони Баҳроми Гӯр, ҷ. 8, с. 58)

Умеди ҶАЙҲОНӢ

ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

(Аввалаш дар саҳ. 2)

Дар панҷ хатти технологӣ афшура, нӯшокиҳои ташнагишикан ва зарфҳои пластикӣ истеҳсол шуда, 85 сокини маҳаллӣ бо кор таъмин гардиданд. Иқтидори солонаи корхона 240 тонна афшура ва 400 ҳазор литр нӯшокӣ аст. Ҳадаф коркарди саривақтии ҳосили деҳқонон ва пешгирии талафоти меваю сабзавот мебошад. Тибқи иттилои масъулон, танҳо дар панҷ соли охир дар ин ноҳия 74 корхонаи саноатӣ бо тақрибан 900 ҷойи корӣ таъсис ёфтааст. Ҳамчунин, Президенти кишвар маркази савдою хизматрасонии «Суғд Молл»-ро ба таври фосилавӣ ифтитоҳ кард. Ин марказ барои 350 нафар ҷойи корӣ фароҳам меорад.







КОНИБОДОМ

13 ИНШООТИ ИСТЕҲСОЛИВУ ИҶТИМОӢ

Дар шаҳри Конибодом 13 иншооти истеҳсоливу иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гирифт. Аз ҷумла, корхонаи парандапарварии «Ганҷи ҷаҳон» барои парвариши 30 ҳазор мурғи гӯштӣ ва истеҳсоли солонаи 300 тонна гӯшти мурғ пешбинӣ шудааст. Корхонаи рехтагарии «Бодом» бошад, солона 600 тонна маҳсулот истеҳсол карда, 50 нафарро бо кор таъмин мекунад. Маҳсулоти он барои қисмҳои эҳтиётии тачҳизоти саноатӣ ва пойгоҳҳои обкашӣ истифода мешавад. Дар Конибодом муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 18 ва 34 мутаносибан барои 900 ва 640 хонанда дар ду баст кушода шуданд. Бинои нави Коллеҷи тиббӣ барои 750 донишҷӯ пешбинӣ шуда, синфхонаҳои компютерӣ, озмоишгоҳ ва толори варзишӣ дорад. Кӯдакистонҳои «Сомониён», «Нуринисо» ва муассисаи томактабии деҳаи Равот дар маҷмӯъ барои 520 кӯдак пешбинӣ шудаанд. Ҳамчунин, маркази ташхиси бехатарии озуқаворӣ, корхонаи асфалт бо иқтидори 480 тонна дар як шабонарӯз, меҳмонхонаи «Ватан» ва корхонаи «Меваи Камол» барои коркарди солонаи 600 тонна меваи хушк ба фаъолият оғоз карданд. Ба иттилои хадамоти матбуоти Сарвари давлат, танҳо рӯзи 1 ноябр дар Бӯстон, Хуҷанд, ноҳияи Бобочон Ғафуров ва Конибодом 18 иншоот, аз ҷумла ҳафт корхонаи саноатӣ, чор кӯдакистон, ду мактаб ва коллеҷи тиббӣ ифтитоҳ ёфта, дар маҷмӯъ 850 ҷойи нави корӣ муҳайё гардид.

ШАҲРИСТОН

МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА ИДИ КАРТОШКА

Рӯзи 2 ноябр сафари Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Шаҳристон идома ёфт. Дар ин ноҳия кӯдакистони хусусии «Ғунчаи баҳор», ки соҳибкор Акрам Холмуродзода барои 150 кӯдак бунёд кардааст, ба истифода дода шуд. Дар деҳаи Ободии деҳоти Бунчикат литсейи хусусии «Идрок» барои 480 хонанда дар ду баст ифтитоҳ ёфт. Литсей бо ташаббуси Анорқул Ҷӯразода сохта шуда, дорои озмоишгоҳҳо, синфхонаи компютерӣ ва маҷмааи варзишӣ аст. Дар ин ноҳия барои бунёди ду корхонаи коркарди гӯшту шир ва истеҳсоли нӯшокиҳо санги асос гузошта шуд.

ИСТАРАВШАН

«РОҲИ АБРЕШИМ» ВА 12 ИНШООТИ ДИГАР

Дар Истаравшан маҷмааи 18 - ошёнаи «Роҳи Абрешим» ифтитоҳ ёфт. Иншоотро соҳибкор Мазбут Бойҷонов бунёд кардааст. Маҷмаа дорои маркази савдо, мағозаҳо, қаҳвахона, меҳмонхона, тарабхона, ҳавзи шиноварӣ, маркази солимгардонӣ ва хонаҳои истиқоматӣ мебошад. Дар сохтмон беш аз 500 нафар муваққатан кор карда, баъди ифтитоҳ барои зиёда аз 250 нафар ҷойи кори доимӣ пешбинӣ шудааст. Дар маҷмаа шаш лифт ва шаш эскалатор насб гардидаанд. Дар ин шаҳр боз 12 иншоот ба таври фосилавӣ ба истифода дода шуд. Дар қатори онҳо устохона - озмоишгоҳи Коллеҷи ҳунарҳои мардумӣ барои омӯзиши 18 ихтисос, мактабҳои рақамҳои 52, 54 ва 70, бинои иловагии мактаби рақами 58, кӯдакистонҳои «Шукронаи истиқлол», «Нурофар» ва «Сомониён» ҳастанд. Дар мактаби рақами 70 шароит барои таҳсили 1200 хонанда дар ду баст фароҳам шудааст. Ҳамчунин, корхонаҳои «Кишмиши Истаравшан» ва «Сими стандарт» ва маркази саломатии деҳаи Чорбоғ ифтитоҳ гардиданд. Иншоот ҳам ба рушди истеҳсолот ва ҳам ба дастрасии аҳолӣ ба таҳсилу хизматрасонии тиббӣ равона шудаанд.

ДЕВАШТИЧ

КОРКАРДИ 7200 ТОННА МЕВАЮ САБЗАВОТ

Дар ноҳияи Деваштич корхонаи «Витаминҳои Тоҷикистон» дар деҳаи Лолазор ба фаъолият оғоз намуд. Ин корхонаро соҳибкор Саидмурод Давлатов бунёд кардааст. Таҷҳизоти аз Олмон ва Италия оварда шуда, имкон медиҳад, ки солона 7200 тонна меваю сабзавот коркард шавад. Дар як соат истеҳсоли 2700 литр афшура ва нӯшокии табиӣ бе иловаи шакару об пешбинӣ гардидааст. Корхона аз 30 навъи меваю сабзавот маҳсулот истеҳсол мекунад. Ҳоло 60 нафар кор мекунанд ва бо оғози марҳилаи дуюм шумораи онҳо бояд ба 100 нафар расад.

Барои таъмини ашёи хом боғи интенсивии панҷгектара низ бунёд шудааст. Дар шаҳраки Баҳористон мактаби рақами 70 барои 480 хонанда дар ду баст ба истифода дода шуд.

МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «СУҒД»

Рӯзи 3 ноябр Президенти кишвар корхонаи нӯшокиҳои «Райан»-ро дар минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» ифтитоҳ кард. Иқтидори он 65 тонна маҳсулот дар як шабонарӯз буда, 60 нафар дар он кор мекунанд. Самти фаъолияташ истеҳсоли нӯшокиҳои алоэ-вера, чойи хунук ва шарбати мева аст. Тақрибан 60 дарсади маҳсулот барои содирот пешбинӣ гардидааст. Дар муаррифии фаъолияти «Райан» гуфта шуд, ки таҷҳизот аз Италия, Русия ва Чин ворид гардида, дар ду хатти технологӣ ҳам зарф ва ҳам нӯшокӣ истеҳсол мешавад. Ҳоло дар минтақаи озоди иқтисодӣ 29 субъект фаъолият дошта, дар нуҳ моҳи соли 2026 ба маблағи 485 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст. Соли равон маҳсулоти субъектҳои минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» ба 12 кишвар содир шудааст.

«ФОРЕЛ ПЛАТИНУМ» ВА ҚАИҚИ СОХТАИ УСТОИ ХУҶАНДӢ

Дар соҳили Сирдарё, тарабхона ва базмгоҳи «Форел Платинум» ба фаъолият оғоз кард. Иншоотро ширкати «Гулмоҳии Хуҷанд» ва соҳибкор Мухсин Шодиев бунёд кардаанд. Дар тарабхона хӯрокҳои моҳӣ ва таомҳои миллӣ ва аврупоӣ пешниҳод мегарданд. Зимни боздид ба Президенти кишвар қаиқи сохтаи устои маҳаллӣ Мирзораҳим Қодирӣ низ муаррифӣ шуд. Сарвари давлат пешниҳод кард, ки истеҳсоли чунин қаиқҳо барои истифода дар дарёҳо ва обанборҳои кишвар васеъ карда шавад.

НОҲИЯИ ҶАББОР РАСУЛОВ

МАРКАЗҲОИ ТИББӢ, КӮДАКИСТОНҲО ВА ТОЛОРИ БОКС

Дар ноҳияи Ҷаббор Расулов чанд иншоот фосилавӣ ифтитоҳ ёфт. Дар шаҳраки Меҳробод биноҳои раёсати омор ва филиали «Тоҷиксуғурта», маркази ташхисию табобатии «Луқмони Ҳаким-2014» ва корхонаи «Файзи Меҳробод» ба кор оғоз карданд.

Маркази тиббӣ 34 кат дошта, барои зиёда аз 40 нафар ҷойи корӣ фароҳам овардааст. Кӯдакистонҳои «Истиқлол» ва «Фариштаи» ҳар кадом барои 240 кӯдак пешбинӣ шудаанд. Толори нави варзишии федератсияи бокси Суғд низ ифтитоҳ шуд, ки барои тамрини 120 варзишгар ва ҳузури 350 тамошобин шароит дорад.

ХУҶАНД СОҲИБИ ПУЛҲОИ НАВ МЕШАВАД

Дар шаҳри Хуҷанд ба Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон чанд лоиҳаи муҳими инфрасохтории Хуҷанд муаррифӣ гардиданд. Тибқи тарҳ, сохтмони пули 200 - метра аз хиёбони Рифъат Ҳоҷиев то гардиши кӯчаи Раҳмон Набиев, таҷдиди пулҳои мавҷуда ва сохтмони пули нави 275 - метра аз болои Сирдарё дар назар аст.

Ҳамчунин, таҷдиди 3,8 километр роҳи кӯчаи Раҳмон Набиев ва 3,2 километр хиёбони Истиқлол пешбинӣ мешавад.

Дар баробари ин, лоиҳаҳои Маркази тамаддуни ориёӣ, Китобхонаи вилоятӣ, Чойхонаи миллӣ, меҳмонхонаи «Ҳилтон», маҷмааи меҳмонхонаи «Истиқлол» ва навсозии меҳмонхонаи «Хуҷанд» дар шаҳри Бӯстон пешниҳод шуданд.

ЁВОН ДАР МАСИРИ РУШД

Натиҷаҳои нуҳ моҳи соли 2026 ва қадамҳои устувор ба сӯи оянда

НОҲИЯИ ЁВОН ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2026 БО ТАКЯ БА СИЁСАТИ СОЗАНДАВУ БУНЁДКОРОНАИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ДАСТГИРИИ ПАЙВАСТАИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАИТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА ЗАҲМАТИ СОКИНОНУ СОҲИБКОРОН ДАР БАХШҲОИ САНОАТ, КИШОВАРЗӢ, СОХТМОН, МАОРИФ, ТАНДУРУСТӢ ВА ИНФРАСОХТОР БА НАТИҶАҲОИ НАЗАРРАС НОИЛ ГАРДИД. СОЛИ ТАҶЛИЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ БАРОИ НОҲИЯ БА МАРҲАЛАИ НАВИ СОЗАНДАГӢ ТАБДИЛ ЁФТА, ИҶРОИ БАРНОМАҲОИ РУШД, БУНЁДИ ИНШООТИ ИҶТИМОӢ ВА БОЛОРАВИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ИҚТИСОДӢ БА ГУСТАРИШИ ИМКОНИЯТҲОИ ЗИНДАГИИ МАРДУМ ЗАМИНА ГУЗОШТ.



Икромиддин Вализода, раиси ноҳияи Ёвон





САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОК

Дар сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар рушди устувори шаҳру ноҳияҳо яке аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб меёбад. Дар ҳамин замина, ноҳияи Ёвон низ дар нуҳ моҳи соли 2026 талош намуд, ки барномаҳои давлатии рушд, дастуру супоришҳои Ҳукумати мамлакат ва ҳадафҳои стратегии кишварро дар амал татбиқ намояд.

Натиҷаҳои ҷамъбастӣ нишон медиҳанд, ки дар баробари баъзе масъалаҳои ҳалталаб, дар аксари соҳаҳо суръати афзоиш таъмин гардида, барои идомаи рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳия заминаи устувор гузошта шудааст.

БУҶЕТ ВА ИНТИЗОМИ МОЛИЯВӢ

Дар нуҳ моҳи соли 2026 нақшаи қисми даромади буҷети ноҳия бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 88 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 336 миллиону 708,9 ҳазор сомонӣ ворид шуд. Дар баробари ин, қисми хароҷоти буҷет 99,6 фоиз иҷро гардида, аз 286,9 миллион сомонии нақшавӣ 285,8 миллион сомонӣ маблағгузорӣ шудааст. Қарзи андозии корхонаю ташкилотҳо ба ҳолати 1-уми октябр 11 миллиону 17,5 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 127,1 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфтааст. Бо вуҷуди он ки дар қисми даромади буҷет ҳанӯз имкониятҳои истифоданашуда вуҷуд доранд, коҳиши бақияпулиҳои андоз ва қариб пурра иҷро гардидани қисми хароҷот аз беҳтар шудани интизоми молиявӣ дарак медиҳад. Ин ҷиҳат барои маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ аҳамияти махсус дорад.

РАҚАМИКУНОНӢ ВА ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ

Яке аз самтҳое, ки имрӯз дар сиёсати давлатии иқтисодӣ ҷойгоҳи муҳим дорад, гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва густариши пардохтҳои ғайринақдӣ мебошад. Дар ноҳияи Ёвон ба ҳолати 1-уми октябри соли 2026 сад фоизи шахсони ҳуқуқии ҳисоботдиҳанда ва соҳибкорони инфиродӣ ҳисоботро ба таври электронӣ пешниҳод кардаанд. Шумораи постерминалҳо ва QR-рамзҳо ба 554 адад расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 324 адад ё 2,4 баробар бештар мебошад. Ҳамзамон, 116 ҳазору 779 корти бонкӣ ба муомилот бароварда шуда, дорандагони кортҳои бонкӣ 55,2 фоизи аҳолии калонсолро ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки фарҳанги пардохтҳои электронӣ тадриҷан ба бахши муҳими муносибатҳои молиявии сокинон табдил меёбад.

МУҲАРРИКИ ИҚТИСОД

То 1-уми октябри соли 2026 дар ноҳия 9130 субъекти хоҷагидор фаъолият доштааст, ки аз ин 8445 нафар соҳибкори инфиродӣ ва 685 адад шахсони ҳуқуқӣ мебошанд. Дар давраи ҳисоботӣ бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба маблағи 260,3 миллион сомонӣ қарзҳои хурд пешниҳод кардаанд. Ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 104,8 миллион сомонӣ зиёд аст.

Дар ноҳия ҳамчунин 10 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда, маблағи умумии азхудшуда 4,7 миллион долларро ташкил медиҳад. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ёвон барои солҳои 2026-2030, ки 186 лоиҳаро ба маблағи 865,5 миллион сомонӣ дар бар мегирад, ба марҳалаи амалишавӣ ворид шудааст. То 1-уми октябри соли 2026 аз ин ҳисоб 24 лоиҳа ба маблағи 92,5 миллион сомонӣ амалӣ гардида, дар 22 лоиҳаи дигар корҳо оғоз шудаанд. Ин нишондиҳандаҳо далолат мекунанд, ки рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя дар ноҳия тадриҷан ба яке аз пояҳои муҳими тавсеаи иқтисодӣ мубаддал мегардад.

ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАМИН

Кишоварзӣ яке аз бахшҳои калидии иқтисоди ноҳияи Ёвон боқӣ мемонад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар нуҳ моҳи соли 2026 ба 2 миллиарду 136 миллиону 951,2 ҳазор сомонӣ расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 176,5 миллион сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиш 109 фоизро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ, 27 ҳазору 233 гектар замин кишт гардидааст. Аз ин 10 ҳазору 480 гектарро пахта ташкил медиҳад ва дурнамои кишти он пурра иҷро шудааст. Ғалладона ва лӯбиёгиҳо дар 7976 гектар, зироатҳои техникӣ дар 11063 гектар, картошка дар 382 гектар, сабзавот дар 1675 гектар, полезӣ дар 1230 гектар ва зироатҳои хӯроки чорво дар 4908 гектар парвариш шудаанд. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ низ назаррас аст. Дар ин давра 55 ҳазору 633,5 тонна ғалла, 12 ҳазору 703,5 тонна пахта, 11 ҳазору 523,5 тонна картошка, қариб 99 ҳазор тонна сабзавот, беш аз 60 ҳазор тонна полезӣ, 15 ҳазору 690 тонна мева ва 8263,9 тонна ангур истеҳсол шудааст.

Ҳамзамон, истеҳсоли гӯшт ба 9087,3 тонна, шир ба 26 ҳазору 875,3 тонна ва тухм ба беш аз 10,8 миллион дона расидааст.

Дар бахши чорводорӣ низ нишондиҳандаҳои назаррас ба қайд гирифта шудаанд. Саршумори чорвои калони шоҳдор ба 117 ҳазору 314 сар, гӯсфанду буз ба 264 ҳазору 205 сар ва паранда ба 146 ҳазору 465 сар расидааст. Дар ноҳия 2424 оилаи занбӯри асал низ нигоҳдорӣ мешавад.

САНОАТ - ЯКЕ АЗ СУТУНҲОИ РУШДИ НОҲИЯ

Дар нуҳ моҳи соли 2026 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳия ба 1 миллиарду 534 миллиону 336,1 ҳазор сомонӣ расидааст. Ин рақам нисбат ба нуҳ моҳи соли 2025 ба андозаи зиёда аз 126 миллион сомонӣ бештар буда, 108,9 фоизи суръати афзоишро нишон медиҳад.

Дар бахшҳои гуногуни саноат, аз ҷумла истеҳсоли семент, оҳаки сохтмонӣ, нахи пахта, равғани растанӣ, гӯшт, нон, хишти сементӣ, гаҷкартон, гӯшти мурғ ва масолеҳи сохтмонӣ афзоиш ба қайд гирифта шудааст. Махсусан, истеҳсоли бетони сохтмонӣ 250 фоиз, равғани растанӣ 194,9 фоиз ва нахи пахта 191,3 фоизро ташкил додааст. Дар ноҳия 67 корхонаи саноатӣ фаъолият дошта, дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 10 корхонаю коргоҳи нав бо 87 ҷойи нави корӣ ба истифода дода шудааст. Ин раванд нишон медиҳад, ки татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар дар сатҳи ноҳия низ тадриҷан натиҷа медиҳад.

ЭНЕРГЕТИКА ВА МАСЪУЛИЯТИ ИСТИФОДАБАРӢ

Дар давраи ҳисоботӣ аҳолии ноҳия 417,13 миллион киловатт-соат неруи барқ ба маблағи 257,9 миллион сомонӣ истифода намудааст. Ҷамъоварии маблағи неруи истифодашуда 99,3 фоиз, аз ҷумла аз ҳисоби аҳолӣ 98,08 фоизро ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди ин, ҳаҷми умумии қарздорӣ аз истифодаи неруи барқ 151,3 миллион сомонӣ боқӣ мондааст, ки қисми асосии он ба ташкилоту муассисаҳо рост меояд. Сарфаи миёнаи шабонарӯзии неруи барқ дар ноҳия 1,54 миллион киловатт-соатро ташкил додааст. Аз ин рӯ, беҳтар намудани интизоми пардохт ва истифодаи сарфакоронаи неруи барқ аз вазифаҳои муҳими марҳалаи минбаъда боқӣ мемонад.

СОХТМОН, РОҲ ВА ОБОДОНӢ

Ҳаҷми сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ дар нуҳ моҳи соли 2026 ба 266,2 миллион сомонӣ расида, 169,5 фоизро ташкил додааст. Аз ин маблағ 264,92 миллион сомонӣ саҳми сармоягузории ху-



сусӣ мебошад. Корҳои сохтмону васлкунӣ ба маблағи 263,9 миллион сомонӣ иҷро гардидаанд.

Масофаи умумии роҳҳои автомобилгарди ноҳия 453,6 километрро ташкил медиҳад. Дар ин давра 79,5 километр роҳ таъмири ҷорӣ шуда, се пул ва се қубури зери роҳ низ аз нав таъмир гардидаанд. Бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва саҳми соҳибкорон 31 километр роҳи Ёвон-Душанбе, 18 километр роҳи Ёвон-Вахдат-Норак, инчунин қисматҳои роҳҳои маҳаллӣ мумфарш гардидаанд. Ин ҳама тадбирҳо дар соли таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба маъракаи васеи ободонию созандагӣ пайваст мешаванд. Тибқи нақша, бахшида ба ин ҷашни миллӣ дар ноҳия таъмиру бунёди 561 иншоот пешбинӣ гардида буд, аммо то имрӯз 654 иншоот ё 131,3 фоизи нақша сохта ба истифода дода шудааст. Ин нишондиҳанда худ аз суръати баланди корҳои созандагӣ ва саҳми фаъоли аҳолӣ, соҳибкорон ва сохторҳои давлатӣ шаҳодат медиҳад.

САРМОЯГУЗОРӢ БА ОЯНДА

Соҳаи маориф дар ноҳияи Ёвон яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар ноҳия 87 муассисаи таълимӣ фаъолият дошта, 76 ҳазору 313 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ба онҳо 3239 омӯзгор таълим медиҳанд.

Дар назди шаш муассисаи таълимӣ биноҳои иловагӣ бо 88 синфхона барои 4400 хонанда дар ду баст сохта, мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳамзамон, дар назди 17 муассисаи дигар сохтмони 261 синфхона барои 13 ҳазору 50 хонанда идома дорад. Барои таъмиру омодасозии муассисаҳои таълимӣ ба соли хониши 2026-2027 зиёда аз 3,6 миллион сомонӣ равона шудааст. Дар доираи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» муассисаҳои таълимӣ бо 134 компютери нав, принтерҳо, тахтаҳои электронӣ ва проекторҳо таъмин шудаанд. Айни ҳол дар мактабҳои ноҳия 2040 компютер мавриди истифода қарор дорад.

Илова бар ин, беш аз 152 ҳазор нусха китоби дарсӣ ба муассисаҳо дастрас карда шудааст.





ТАВАҶҶУҲ БА КӮДАКОН ВА ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВ

Дар ноҳия 9 муассисаи томактабӣ, аз ҷумла ду муассисаи хусусӣ фаъолият дошта, 1861 кӯдакро фаро гирифтаанд.

Илова бар ин, дар марказҳои инкишофи кӯдак 8760 нафар кӯдаки то ҳафтсола ба таълиму тарбия ҷалб шудаанд. Дар маҷмуъ, фарогирии кӯдакони синни томактабӣ 36 фоизро ташкил медиҳад. Ин самт барои баланд бардоштани сатҳи омодагии кӯдакон ба мактаб ва таъмини рушди зеҳнию иҷтимоии онҳо аҳамияти калон дорад.

ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ

Дар соҳаи тандурустии ноҳия 332 духтур ва 1116 корманди миёнаи тиб фаъолият доранд. Дар нуҳ моҳи соли 2026 беш аз 18 ҳазор бемор бистарӣ карда шуда, қисми зиёди онҳо баъд аз муолиҷа рухсат шудаанд. Дар баробари соҳаи тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ низ дар меҳвари таваҷҷуҳ қарор дорад. Дар ноҳия 19 ҳазору 979 нафақагир ба қайд гирифта шудааст. Дар арафаи ҷашну идҳои миллӣ ба собиқадорони ҷангу меҳнат, оилаҳои камбизоат, ятимон, бошандагони муассисаҳои иҷтимоӣ ва дигар шахсони ниёзманд ба маблағи 5,3 миллион сомонӣ кумак расонида шудааст.

МЕҲНАТ, ШУҒЛ ВА ДАСТГИРИИ ЗАНОН

Дар давраи ҳисоботӣ ба шуъбаи меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия 2144 нафар барои дарёфти ҷойи кор мурочиат кардаанд. Аз ин шумора 1578 нафар бо ҷойҳои корӣ доимӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ таъмин шудаанд. Дар 12 ярмаркаи ҷойҳои корӣ 1165 ҷойи корӣ пешниҳод гардида, 180 нафар соҳиби ҷойи кор шудаанд. Барои рушди соҳибкории шахсони бекор низ қарзҳои имтиёзнок ҷудо гардидаанд.

Музди миёнаи меҳнати моҳона ба 3029,21 сомонӣ расида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 16,1 фоиз афзоиш ёфтааст. Қарздории музди меҳнат дар ташкилоту идораҳои ноҳия вуҷуд надорад. Дар масъалаи иштироки занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ низ пешрафт ба назар мерасад. Аз шумораи умумии беш аз 141 ҳазор зан 107 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият доранд, 31 нафар хизматчии давлатӣ буда, 1860 нафар ба соҳибкорӣ машғуланд.

МУҲОҶИРАТ ВА ТАЪМИНИ АҲОЛӢ БО КОР

Тибқи маълумоти оморӣ, дар давраи ҳисоботӣ 17 ҳазору 608 сокини ноҳия ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ дар хориҷи кишвар қарор доштаанд. Ҳамзамон, 6222 муҳоҷири меҳнатӣ ба Ватан баргаштаанд. Ин вазъ зарурати таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар дохили ноҳияро боз ҳам бештар мекунад. Ба ин маънӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва фарогирии бекорон ба касбомӯзӣ метавонад дар солҳои минбаъда ба коҳиши вобастагӣ аз муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат намояд.

ФАРҲАНГ, ҶАВОНОН, ВАРЗИШ ВА САЙЁҲӢ

Дар ноҳия муассисаҳои фарҳангӣ, китобхонаҳо, мактаби санъат ва осорхонаи кишваршиносӣ фаъолият доранд. Фонди китобхонаҳо зиёда аз 152 ҳазор нусха китобро дар бар мегирад. Дар 17 ташкилоту муассиса китобхонаҳои идоравӣ таъсис дода шуда, дар нуҳ моҳ 230 чорабинии оммавию фарҳангӣ ва сиёсӣ бо иштироки зиёда аз 100 ҳазор нафар баргузор шудааст. Шумораи ҷавононони ноҳия 77 ҳазору 784 нафар аст. Дар давраи ҳисоботӣ садҳо чорабиниҳои варзишӣ, иттилоотӣ ва тарбиявӣ баргузор гардида, беш аз 14 ҳазор нафарро фаро гирифтаанд.

Дар ноҳия 209 майдону майдончаи варзиш ва 42 толори варзиш фаъолият дошта, се майдонча ва чор толори нав низ сохта ба истифода дода шудааст. Дар бахши сайёҳӣ низ нишондодҳо назаррасанд. Дар ноҳия 47 иншооти сайёҳӣ фаъолият дошта, дар ин муддат 206 ҳазору 605 сайёҳ ворид шудааст, ки 2305 нафарашон сайёҳони хориҷӣ мебошанд.

ҶАВОНОН ВА ҲИССИ МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДӢ

Дар соли 2026 ноҳияи Ёвон нақшаи даъвати ҷавононро ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ пурра иҷро намудааст. Дар ду марҳала 345-нафарӣ ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ сафарбар гардида, қисми онҳо қаблан дар курсҳои ронандагӣ ва касбомӯзӣ таҳсил кардаанд. Ин тадбир дар баробари иҷрои ухдадории шаҳрвандӣ ба ҷавонон имкон медиҳад, ки соҳиби малакаи касбӣ шуда, баъд аз анҷоми хизмат низ аз он истифода баранд.

ТАРТИБОТИ ҶАМЪИЯТӢ ВА МУРОҶИАТИ ШАҲРВАНДОН

Дар нуҳ моҳи соли 2026 дар ноҳия 255 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 43 ҳолат кам мебошад. Сатҳи ошкоршавии ҷиноятҳо 87,8 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта беҳтар шудааст. Ҳамзамон, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 3608 мурочиати хаттии шаҳрвандон ворид шуда, 99,3 фоизи онҳо баррасӣ гардидаанд. Дар рӯзҳои қабули шаҳрвандон аз ҷониби раиси ноҳия 357 нафар қабул шудаанд.

ЁВОН ДАР ОСТОНАИ МАРҲАЛАИ НАВИ РУШД

Натиҷаҳои нуҳ моҳи соли 2026 нишон медиҳанд, ки ноҳияи Ёвон бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ва дастгирии Ҳукумати мамлакат дар роҳи рушди устувор қадамҳои ҷиддӣ мегузорад.

Афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ, татбиқи барномаҳои сармоягузорӣ, беҳтар шудани инфрасохтори роҳу нақлиёт, бунёди иншооти таълимӣ ва иҷтимоӣ ва густариши рақамикунонӣ симои иқтисодию иҷтимоии ноҳияро тадриҷан дигар мекунанд. Дар соли таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз нақша бештар сохта шудани иншооти ҷашнӣ далели равшани руҳияи созандагӣ ва масъулияти баланди сокинону соҳибкорони ноҳия мебошад. Дастгирии пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати созандаю бунёдкоронаи Пешвои миллат барои ноҳия заминаи муҳими рушди минбаъда фароҳам овардааст. Маҳз дар доираи ҳамин сиёсати давлатӣ бунёди мактабҳо, роҳҳо, корхонаҳо, иншооти иҷтимоӣ ва ҷалби сармоя суръати тоза гирифтааст.

Ёвон имрӯз танҳо як ноҳияи кишоварзиву саноатӣ нест, балки минтақаест, ки бо афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, рушди соҳибкорӣ, беҳбуди инфрасохтор ва таваҷҷуҳ ба соҳаҳои иҷтимоӣ ба сӯи марҳалаи нави рушд қадам мегузорад. Натиҷаҳои нуҳ моҳи соли 2026 нишон медиҳанд, ки ноҳияи Ёвон барои расидан ба ҳадафҳои дар пеш гузошташуда заминаи воқеӣ дорад. Идомаи ҳамкории мақомоти давлатӣ, соҳибкорон ва аҳолӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо ва татбиқи босифати барномаҳои рушд метавонад ин ноҳияро дар солҳои наздик ба яке аз минтақаҳои боз ҳам пешрафтаи иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон табдил диҳад.

Машраби АЛОВИДДИН

ИФТИХОР МЕКУНАМ, КИ АЗ МИЛЛАТИ ТОҶИК ҲАСТАМ



(Аввалаш дар саҳ. 3)

Ӯ мехост, ки ҳамаи фарзандонаш, новобаста аз писар ё духтар буданашон илм омӯзанд ва дар ҷомеа соҳиби ҷойгоҳи худ шаванд. Падари ман Рашод Дониш солҳои зиёд дар соҳаҳои низомӣ ва дипломатӣ фаъолият кардааст. Аз ҷумла, ӯ фармондеҳи мисрӣ дар Ғазза буда, баъдан ба ҳайси сафири Миср дар Малайзия ва Юнон кор кардааст. Падарам соли 1997 аз олам гузашт.

Ман дар ин ҷо як пайванди ҷолиб мебинам. Аҳмади Дониш дар замони худ ҳамчун намояндаи аморати Бухоро ба Санкт-Петербург сафар карда, дар корҳои дипломатӣ иштирок дошт. Наслҳои баъдии ӯ низ ба ин соҳа рӯ оварданд. Падари ман ҳам дипломат шуд. Амаки калониам соҳибкор буд ва дар хонаводаи мо ҳамчун шахси калонсолу роҳнамо эҳтиром дошт. Яке аз амакҳоям муҳандис ва намояндаи дигари хонавода ба фаъолияти илмӣ машғул буд. Ҳамин тавр, фарзандону набераҳои Муҳаммад Дониш ҳар кадом роҳи худро дар илму маориф, муҳандисӣ, тиҷорат ва давлатдорӣ пайдо карданд. Мо медонем, ки Аҳмади Дониш шахсияти бисёрҷанба буд. Ӯ ба астрономия, наққошӣ, хаттотӣ, шеър ва нависандагӣ машғул мешуд. Ба назари ман, ҳамин шавқи донишомӯзӣ ва таваҷҷуҳ ба илм дар наслҳои баъдии хонаводаи мо низ идома ёфт.

Ману бародарам Шариф дар Қоҳира ва Париж таҳсил карда, ба соҳаи технологияҳои иттилоотӣ рӯ овардем. Ман фаъолияти касбиамро дар ширкати IBM оғоз кардам. Баъдан дар Фаронса ширкати худро таъсис додем ва солҳои зиёд дар соҳаи техника, технологияҳои муосир ва идоракунии ширкатҳои фанноварӣ фаъолият кардем.

- Хонадони шумо насаби Донишро чӣ гуна ҳифз кард?

- Барои мо насаби Дониш масъулият аст. Мо дарк мекунем, ки ин насаб таърих дорад ва бо номи як шахсияти бузург пайванд аст. Аз ин рӯ, ҳамеша кӯшиш кардаем, ки онро ҳифз намоем.

- Барои ман ҷолиб аст, ки шумо дар ҳуҷҷатҳо чӣ тавр насаби Донишро нигоҳ доштед?

- Дар ҳуҷҷатҳои падари ман Рашод насаби ӯ Дониш сабт шудааст. Ҳатто дар яке аз ҳуҷҷатҳо касби бобои мо нависанда нишон дода шудааст. Аммо насаби Донишро нахуст бобоям Муҳаммад расман истифода кардааст. Бояд бигӯям, ки дар масъалаи гирифтани шаҳрвандӣ низ хонаводаи мо мушкилоти муайяне дошт. Муҳаммад Дониш, ки солҳои 1880-1948 зиндагӣ кардааст, танҳо соли 1931 аз ҷониби Ҳукумати Миср санади шаҳрвандӣ гирифтааст. То он замон ба ӯ мегуфтаанд, ки азбаски падараш бухороӣ аст, барои гирифтани шиноснома бояд аз Бухоро санад пешниҳод кунад. Ҳамин масъала муддати зиёд ҳал нашуда буд. Ин ҳам яке аз далелҳои муҳимест, ки нишон медиҳад, дар хонадони мо масъалаи асли бухороӣ ва насаби Дониш аз гузашта маълум будааст.

- Шумо қаблан бо сафири Тоҷикистон дар Миср Парвиз Мирзозода мулоқот доштед. Дар он суҳбат гуфта будед, ки хонаводаи шумо баъзе анъанаҳои мардуми Бухоро, бахусус пухтани оши палавро ҳифз кардааст. Ба ғайр аз ин, боз кадом унсурҳои фарҳанги бухороӣ дар хонадони шумо боқӣ мондаанд?

- Бале, дар хонадони мо аз гузашта пухтани таъомҳое маъмул буд, ки ба таъомҳои маъмулии мисрӣ монанд нестанд. Масалан, палав ва лағмон. Ин таъомҳо дар хонаводаи мо аз насл ба насл гузаштаанд ва то имрӯз низ омода карда мешаванд. Мо онҳоро як нишонаи пайванди хонаводагии худ бо Бухоро медонем. Боз як нуктаи ҷолибро мехоҳам ёдовар шавам. Яке аз амакҳои ман дар гузашта мағозаи хурде дошт. Номи он мағоза «Дониш» буд. Баъдан, вақте тиҷорати ӯ рушд кард ва мағозаҳои дигар кушод, ба ҳамаи онҳо низ номи «Дониш»-ро гузошт. Яъне ҳатто дар фаъолияти тиҷоратӣ кӯшиш мекард, ки номи хонаводагӣ ҳифз шавад ва аз ёд наравад. Ба назари ман, ин ҳам як шакли эҳтиром ба гузашта ва решаҳои хонаводаи мост.

- Оё дар хонадони шумо аз Аҳмади Дониш ягон ёдгорӣ боқӣ мондааст? Қаблан шунида будем, ки як нусхаи дастнависи "Қуръон"-ро нигоҳ медоред. Ин дуруст аст?

- Бале, чунин ёдгорӣ вуҷуд дорад. Дар хонадони мо як нусхаи Қуръони карим нигоҳ дошта мешавад, ки тибқи ривояти хонаводагӣ, онро худи Аҳмади Дониш бо даст навиштааст.

Ҳоло ин дастнавис дар ихтиёри яке аз писарамакҳои ман аст.

Соли 2025 профессор Аскаралӣ Рачабов ба Миср омада буд. Дар суҳбат бо ман ӯ таъкид кард, ки Аҳмади Дониш аз овони ҷавонӣ то охири умраш ба хаттотӣ ва хушнависӣ машғул будааст.

Ман ният дорам, ки ҳангоми сафари ояндаам ба Тоҷикистон ин дастнависро низ бо худ бирам, то донишмандон ва мутахассисони соҳаи хатшиносӣ онро бубинанду омӯзанд.

- Шумо кай аввалин бор фаҳмидед, ки бобокалонатон Аҳмади Дониш шахсияти бузург ва таъсиргузор дар Осиёи Марказӣ будааст. Оё асарҳои ӯро мутолиа кардаед?

- Тақрибан панҷоҳ сол пеш яке аз амакҳои ман ба Ӯзбекистон сафар карда буд. Дар он ҷо вақте фаҳмиданд, ки ӯ аз авлоди Аҳмади Дониш аст, ба ӯ китобе дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти ин мутафаккир тақдим карданд.

Амакам баъди бозгашт ба Миср ин китобро бо кӯмаки донишмандони Донишгоҳи «Ал-Азҳар» мутолиа кард. Ҳамин тавр, мо дар бораи зиндагӣ, осор ва ҷойгоҳи илмии бобокалонамон маълумоти бештар пайдо намудем.

То он вақт мо медонистем, ки решаҳои хонаводагиамон ба Бухоро мерасанд ва бобокалонамон шахси донишманд будааст. Аммо баъди шиносоӣ бо он китоб фаҳмидем, ки ӯ дар таърих чӣ мақоме доштааст. Аз ҳамон вақт дар ман шавқи бештар пайдо шуд, ки рӯзе ба сарзамини аҷдодӣ биёям ва бо мероси Аҳмади Дониш аз наздик шинос шавам. Баъдтар, бо пайдоиш ва рушди интернет, имкониятҳои мо барои омӯзиши осори ӯ бештар гардид. Ман кӯшиш кардам, ки китобҳо ва маълумоти марбут ба Аҳмади Донишро аз манбаъҳои гуногун пайдо кунам.

Мо бо донишмандону муҳаққиқони донишгоҳҳои Лос-Анҷелес, Калифорния ва Испания, ки таърихи Осиёи Марказӣ ва рӯзгору осори Аҳмади Донишро меомӯзанд, робита барқарор кардем. Ман ҳамчунин талош намудам, ки бо хонадони Садриддин Айнӣ дар тамос шавам. Зеро медонам, ки устод Айнӣ аз мероси Аҳмади Дониш огоҳии амиқ доштанд ва дар бораи шахсият ва фаъолияти ӯ маълумоти арзишманд додаанд. Солҳои охир китоби машҳури Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ»-ро ба телефонам боргирӣ кардам. Бо истифода аз имкониятҳои зеҳни сунъӣ онро тарҷума намуда, ба мутолиа пардохтам. Профессор Аскаралӣ Рачабов низ ба ман чанд китоб дар бораи Аҳмади Дониш тақдим карданд. Ман кӯшиш кардам, ки онҳоро мутолиа намоям.

Барои ман, ки дар соҳаи технология фаъолият мекунам, осори илмии Аҳмади Дониш, бахусус пажӯҳишҳои ӯ дар бораи астрономия бисёр ҷолиб аст. Мо солҳои охир кӯшиш кардем, ки бо истифода аз зеҳни сунъӣ баъзе андешаҳои илмии ӯро бо дастовардҳои илми муосир муқоиса намоем...

- Шумо дар соҳаи технологияҳои муосир ва зеҳни сунъӣ фаъолият доред. Оё миёни интихоби касби худ ва шавқу рағбати ҷадди бузургатон ба илм, кашфиёт ва шиноҳти падидаҳои нав ягон пайванд мебинед?

- Шояд чунин пайванде вуҷуд дошта бошад. Мо медонем, ки Аҳмади Дониш шахсе буд, ки ба илмҳои гуногун таваҷҷуҳ дошт ва мекӯшид аз дастовардҳои замони худ огоҳ бошад. Ман ҳам тамоми умр дар соҳаи технологияҳои нав фаъолият кардаам. Имрӯз зеҳни сунъӣ имкониятҳои бисёр васеъ фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, мехоҳам минбаъд бо истифода аз технологияҳои муосир ва зеҳни сунъӣ барои омӯзиш ва муаррифии осори Аҳмади Дониш саҳм гузорам. Махсусан, ният дорам, ки асарҳои ӯро аз забони асл, яъне форсии тоҷикӣ ба забони арабӣ тарҷума ва муаррифӣ намоем.

- Чанд рӯз аст, ки дар Тоҷикистон қарор доред. Дар сатҳи баланд дидору мулоқотҳо анҷом додед, вазири корҳои хориҷии кишвар шуморо ба ҳузур пазируфт, дар ҳамоиши байналмилалии зеҳни сунъӣ ширкат кардед ва бо намояндагони ниҳодҳои илмӣ воҳӯрдед. Аз ин сафар чӣ таассурот гирифтед ва кадом соҳаҳо барои ҳамкориҳои оянда бароятон ҷолиб буданд?

– Пеш аз ҳама, бори дигар мехоҳам барои даъват ва пазироии самимӣ миннатдории худро баён намоям.

Ман ифтихор мекунам, ки на танҳо бо Аҳмади Дониш пайванди хонаводагӣ дорам, балки решаҳои ман ба миллати тоҷик мерасанд. Дар сафарам ба Тоҷикистон се чиз маро махсусан ба ҳайрат овард.

Якум, Неругоҳи барқи обии «Роғун». Ба назари ман, ин иншооти бисёр бузург ва нодир аст. Ҳар як тоҷик бояд аз он ифтихор кунад, ки чунин неругоҳи азим дар кишвараш бунёд мешавад. Ба ман гуфтанд, ки дар сохтмони он беш аз 20 ҳазор нафар фаъолият доранд. Ин нишон медиҳад, ки барои амалӣ намудани як ҳадафи бузурги миллӣ чӣ қадар заҳмат кашида мешавад.

Дуюм, шаҳри Душанбе. Ман аз зеboии пойтахти Тоҷикистон бисёр мутаассир шудам. Махсусан, гулҳое, ки ҳатто дар фасли тирамоҳ шукуфонанд, таваҷҷуҳи маро ҷалб карданд. Ин гулҳо аз завқи зебоипарастии мардуми тоҷик низ шаҳодат медиҳад. Ман дар ин ҷо муҳаббати мардумро ба зебоӣ ва муҳити зиндагии худ эҳсос кардам.

Сеюм, бинои Театри миллӣ. Ин барои ман воқеан як муъҷизаи меъморӣ буд. Ман то ҳол чунин бинои зебо ва бошукӯҳро надида будам. Аз тамошои он таассуроти амиқ гирифтам.

Ба назари ман, ин ҳама нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон дар баробари рушди иқтисод ва бунёди иншооти бузург ба ҳифзи таърих, фарҳанг ва тамаддуни миллӣ низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мешавад ва дар саргаҳи ин корҳо Президенти кишвар, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд. Ман инро бисёр муҳим мешуморам. Зеро ҳар миллате, ки мехоҳад ояндаи худро бисозад, бояд таърих ва мероси фарҳангии худро низ ҳифз кунад.

- Оё ният доред, ки боз ба Тоҷикистон биёед ва робитаю ҳамкориҳоятонро бо кишвари мо идома диҳед?

- Бале Мехоҳам, ки сафари навбатӣ ба Тоҷикистонро ҳамроҳи аҳли оилаам анҷом медиҳам. Онҳо низ сарзамини аҷдодии моро бубинанд, бо таъриху фарҳанги тоҷикон шинос шаванд ва ҳамон эҳсосеро, ки ман дар ин сафар доштам, таҷриба кунанд.

Мусоҳиб Одил НОЗИР

РАМЗИ РАҲОЙ АЗ БУНБАСТ

Нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқ ва уфуқҳои нави рушди мамлакат





Роҳи Душанбе - Чаноқ таҷассуми иродаи созандагӣ, ифодаи зарурати таърихӣ ва натиҷаи татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии кишвари азизамон мебошад. Таҷдиди роҳи мазкур ду солро дар бар гирифта, моҳи августи соли 2008-ум ба истифода дода шуд. Бо назардошти нақши боризи ин роҳ ва бо мақсади дар ҳолати хуб нигоҳ доштани он механизми инноватсионӣ аз рӯйи низоми толлингӣ дар хизматрасонӣ ва идоракунии роҳи Душанбе - Чаноқ мавриди амал қарор гирифта, тибқи шартномаи консессионӣ нигоҳдории шоҳроҳи автомобилгарди Душанбе-Чанок ба зиммаи филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки интихоби ин ширкат тибқи муқаррароти қонунгузории мамлакат ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта, шартномаи зикршударо мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонид. Бо хулоса аз корҳои анҷомёфта метавон гуфт, ки мавҷудият ва фаъолияти филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатовар, тақозои замон буда, маҳз ба шарофати фаъолияти пурмаҳсули кормандони он роҳи Душанбе – Чанок дар ҳолати хуб қарор дошта, рафтуомади мунтазаму бехатари шаҳрвандон тариқи он дар тамоми фаслҳои сол таъмин аст.

Тоҷикистон кишвари кӯҳсор аст. Махсусан, робитаи нақлиётӣ байни Душанбе ва вилояти Суғд дар фасли зимистон ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешуд. Масири мавҷуда аз ағбаи Анзоб мегузашт. Барфрезии зиёд, тармафарой ва дигар зуҳуроти табиӣ аксар маврид ҳаракати нақлиётро қатъ мекарданд. Дар натиҷа, робитаи маркази мамлакат бо яке аз минтақаҳои муҳими саноатӣ, кишоварзӣ ва тиҷоратии он маҳдуд мегардид. Ҳамон вақт Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо завқу идроки хоси сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ хеле дақиқкорона ин вазъиятро эҳсос намуда, гуфта буданд, ки «... яке аз масъалаҳои мушкили Тоҷикистон роҳ, аниқтараш, бероҳӣ мебошад. Истиқлоли иқтисодиро бе бунёди роҳҳои мошингард, хусусан, роҳҳо ва пулҳое, ки Тоҷикистонро бо дигар мамлакатҳо мепайвандад, тасаввур кардан душвор аст».

Маҳз дар чунин вазъ масъалаи раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ мазмуни воқеии худро пайдо намуд. Аҳамияти ҷодаи Душанбе-Чаноқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки он ду минтақаи дорои иқтидори бузурги иқтисодиро ба ҳам пайваст намуда, барои ташаккули фазои ягонаи иқтисодии кишвар шароити мусоид фароҳам оварад.

Месазад зикр намоем, ки ба шарофати фаъолияти пурмаҳсули “IRS” вобаста ба нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқ имконияти тиҷоратӣ нисбатан васеъ гардид. Интиқоли маҳсулоти саноатӣ, молҳои ниёзи мардум, маҳсулоти кишоварзӣ ва ашёи хом осонтар шуд. Соҳибкорон имкони бештар пайдо карданд, ки маҳсулоти худро ба бозорҳои минтақаҳои дигар пешниҳод намоянд. Ба ғайр аз ин, масири Душанбе - Чаноқ аз минтақаҳои дорои табиати нотакрор, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ мегузарад. Беҳтар шудани шароити ҳаракат, ҳамчунин, барои рушди сайёҳии дохилӣ ва қабули меҳмонони хориҷӣ шароити муносибтар фароҳам оварад. Ҳамчунин, сармоягузорӣ тамоюли афзоишро касб намуд. Зеро роҳе, ки нигоҳдориш дар сатҳи хубу сифати баланд амалӣ гардад, яке аз омилҳои муҳими интихоби макони фаъолияти соҳибкорӣ ва бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ мебошад. Ҳар қадар дастрасии нақлиётӣ беҳтар бошад, ҳамон қадар шароити ҷалби сармоя ва рушди истеҳсолот зиёд мегардад. Хоса дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки суръати ҳаракати молу маҳсулот, дастрасӣ ба бозорҳо ва самаранокии логистика ба омилҳои муҳими рақобатпазирии давлатҳо табдил ёфтаанд, аҳамияти чунин роҳҳо рӯзафзун аст. Аз ин лиҳоз, роҳи Душанбе - Чаноқро метавон на танҳо шоҳроҳи байни ду минтақа, балки яке аз пайвандҳои муҳими Тоҷикистон бо муҳити иқтисодии Осиёи Марказӣ арзёбӣ кард.

Моҳияти ҳар як лоиҳаи бузурги инфрасохторӣ дар натиҷае ифода меёбад, ки мардум онро дар зиндагии ҳаррӯзаи худ эҳсос мекунанд. Роҳи Душанбе - Чаноқ низ бо ҳамин хусусият аҳамияти иҷтимоии худро ба маъраз гузошт. Набояд фаромуш кард, ки пештар шаҳрвандон ҳангоми сафар аз шаҳри Душанбе ба вилояти Суғд, махсусан дар фасли зимистон бо мушкилоти зиёд мувоҷеҳ буданд. Акнун шароити ҳаракат ба таври назаррас беҳтар гардидааст. Барои мисол, вақти сафар аз 12 соат то 4 соат коҳиш ёфт.

Дар маҷмуъ, роҳи Душанбе - Чаноқро рамзи раҳоӣ аз бунбаст маҳсуб шуда, нигоҳдории он ва уфуқҳои нави рушди мамлакат бо ҳам тавъаманд. Ин шоҳроҳ далели возеҳи он аст, ки маҳз ба шарофати дурандешӣ ва иродаи қавии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон монеаҳои ҷуғрофӣ ба имконияти нави рушд табдил ёфтанд.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО



АГАР КОНСТИТУТСИЯ НАМЕБУД...

Мо ҳар рӯз зиндагӣ мекунем, таҳсил мекунем, кор мекунем, андешаҳои худро баён месозем ва аз ҳуқуқу озодиҳои худ истифода мебарем. Аммо оё боре фикр кардаем, ки агар Конститутсия намебуд, зиндагии мо чӣ гуна сурат мегирифт? Агар ҳуҷҷате вуҷуд намедошт, ки асосҳои давлатдорӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро муайян мекунад, оё мо имрӯз низ ба имкониятҳое, ки дорем, бо ҳамин боварӣ менигаристем?

Шояд ин савол дар назари аввал одӣ намояд, аммо дар паси он андешаи амиқе нуҳуфтааст. Зеро мо аксар вақт арзиши он чизеро, ки дорем, танҳо замоне дарк мекунем, ки набудани онро тасаввур намоем.

Конститутсия танҳо як санади ҳуқуқӣ нест, балки пояи асосии давлатдорӣ ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Он муайян мекунад, ки давлат бар асоси кадом принсипҳо фаъолият менамояд, шаҳрвандон чӣ ҳуқуқу озодиҳо доранд ва муносибатҳои байни давлату ҷомеа бар кадом меъёрҳо бунёд меёбанд.

6-уми ноябри соли 1994 мардуми Тоҷикистон дар раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул карданд. Ин рӯйдод дар таърихи давлатдории навини кишвар аҳамияти бузург дошт. Зеро Конститутсия барои ташаккули давлати соҳибистиқлол, таҳкими қонуният ва муайян намудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон заминаи муҳими ҳуқуқӣ гузошт. Аммо биёед як лаҳза воқеиятро канор гузошта, ба ҷаҳони тасаввур ворид шавем.

Агар Конститутсия намебуд, чӣ мешуд?

Субҳ донишҷӯ ба донишгоҳ меравад, омӯзгор ба дарс медарояд, рӯзноманигор ба кори худ машғул мешавад. Ҳама зиндагии ҳаррӯзаи худро идома медиҳанд. Аммо дар чунин ҳолат саволҳои муҳиме ба миён меоянд: Ҳуқуқи ман дар куҷо ҳимоя шудааст? Агар ҳуқуқам поймол шавад, онро кӣ ҳимоя мекунад? Ман ба кадом қонун такя карда метавонам? Давлат дар назди шаҳрванд чӣ масъулият дорад ва шаҳрванд дар назди давлат чӣ ухдадорӣ?

Албатта, набудани Конститутсия маънои онро надорад, ки дигар ягон қонун вуҷуд дошта наметавонад. Аммо маҳз Қонуни асосӣ меъёрҳои бунёдии давлатдориро муайян намуда, барои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва қабули қонунҳои дигар замина мегузорад. Тасаввур кунед, ки ҳар кас ҳуқуқу озодии инсонро ба таври худ маънидод кунад ва барои ҳимояи он меъёри ягонаву устуворе вуҷуд надошта бошад. Дар чунин шароит эҳсоси боварӣ ба қонун ва адолат то чӣ андоза метавонад пойдор бимонад?

Бисёриҳо медонанд, ки Конститутсия Қонуни асосии давлат аст. Вале шояд на ҳамаи мо ба мазмун ва моҳияти он диққати кофӣ медиҳем. Баъзан чунин менамояд, ки донистани Конститутсия танҳо барои ҳуқуқшиносон, кормандони мақомоти давлатӣ ё шахсоне зарур аст, ки бо қонун сарукор доранд. Аммо дар асл он ба зиндагии ҳар яки мо дахл дорад. Ҳуқуқ ба таҳсил, меҳнат, ҳифзи саломатӣ, озодии сухан ва дигар ҳуқуқу озодиҳое, ки мо дар зиндагии ҳаррӯза аз онҳо истифода мебарем, дар Конститутсия эътироф ва кафолат дода шудаанд.

Хусусан барои мо, ҷавонон, донистани Конститутсия муҳим аст. Мо бояд донем, ки чӣ ҳуқуқ дорем ва дар назди ҷомеа чӣ масъулият бар дӯши мост. Зеро ҳуқуқ танҳо имконият нест, балки масъулиятро низ талаб мекунад. Агар мо мехоҳем, ки ҳуқуқҳои худамон эҳтиром шаванд, бояд ҳуқуқу озодиҳои дигаронро низ эҳтиром намоем. Ба андешаи ман, донистани Конститутсия бояд аз давраи мактабхонӣ оғоз ёбад ва дар солҳои донишҷӯӣ бештар тақвият пайдо кунад. Муҳим он нест, ки мо танҳо моддаҳои Қонуни асосиро аз ёд кунем, балки бояд маънои онҳоро дарк намоем ва донем, ки чӣ гуна метавонем аз ҳуқуқҳои худ истифода барем.

Боқизода НӮШИН,
донишҷӯйи курси дуюми факултаи журналистикаи ДМТ

САРАТОН ДАР САРОСАРИ ҶАҲОН, ПАС АЗ БЕМОРИҲОИ ДИЛУ РАГ, ДУЮМИН САБАБИ МАРГИ ОДАМОН БА ШУМОР МЕРАВАД. ТИБҚИ МАЪЛУМОТИ СОЗМОНИ ҶАҲОНИИ ТАНДУРУСТӢ, ДАР САЙЁРА ДАР ЯК СОЛ ЗИЁДА АЗ 20 МИЛЛИОН ҲОЛАТИ НАВИ ГИРИФТОРШАВӢ БА БЕМОРИИ САРАТОН ОШКОР КАРДА ШУДА, ҲУДУДИ 10 МИЛЛИОН НАФАР АЗ ИН БЕМОРӢ МЕФАВТАНД. «АГАР КИШВАРҲО БАРОИ ПЕШГИРӢ, ТАШХИСИ БАРВАҚТӢ ВА ТАБОБАТИ ИН БЕМОРӢ ЧОРАҲОИ ФАВРӢ НААНДЕШАНД, ТО СОЛИ 2025 ШУМОРАИ ҲОЛАТҲОИ НАВИ ГИРИФТОРӢ БА САРАТОН ДАР САРОСАРИ ҶАҲОН МЕТАВОНАД ТАҚРИБАН БА 35 МИЛЛИОН НАФАР ДАР ЯК СОЛ БИРАСАД», - ОМАДААСТ ДАР ГУЗОРИШИ НАВИ СОЗМОНИ ҶАҲОНИИ ТАНДУРУСТӢ.



САРАТОН ТАБОБАТ МЕШАВАД?

Бисёриҳо бар он андешаанд, ки саратон бемории табобатнашаванда мебошад, вале табибони саратоншинос мегӯянд, дар 95% ҳолатҳо ин беморӣ табобат мешавад, агар дар марҳилаҳои аввал ошкор ва бемор сари вақт ба табобат фаро гирифта шавад. Ба хотири пешгирии ин бемории вазнин мо бо табиби саратоншинос, ғолиби озмуни ҷумҳуриявии «Табиби сол - 2026» Файзулло Райҳонов суҳбат оростем.



- Сароғоз мегуфтед, ки сабаби сол то сол зиёд шудани шумораи гирифторони саратон дар чист?

- Саратон бемории полиэтиологӣ буда, бештар дар давраи калонсолӣ пайдо мешавад ва сабабҳояш хеле зиёданд. Таъсири нурҳои офтоб, фарбеҳӣ, камҳаракатӣ аз зумраи омилҳои асосии пайдоиши саратон ба шумор мераванд. Бемориҳое, ки аз системаи рӯйпӯшкунандаи бадан пайдо мешаванд, онҳоро саратон меноманд. Омосҳое, ки аз бофтаҳои пайвасткунандаи бадан пайдо мешаванд, онҳоро саркомаҳо мегӯянд. Дар якҷоягӣ онҳо омосҳои бадсифатро ташкил медиҳанд, вале сабабҳои пайдоишашон гуногун мебошанд. Ин яке аз сабабҳои зиёдшавии беморӣ мебошад.

- Шумо гуфтанӣ ҳастед, ки имрӯз илми тиб пеш рафта, усулҳои замонавии ташхис пайдо шудаанд ва аз ҳамин сабаб бемории саратон бештар ошкор карда мешавад?

- Бале, яке аз сабабҳои асосӣ пеш рафтани илми тиб ва баланд шудани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ мебошад. Имрӯз ҳатто дар ноҳияҳои дурдаст низ марказҳои тиббӣ мавҷуданд ва мардум ба табибон муроҷиат мекунанд. Ҳангоми ошкор шудани беморӣ маризон ҳатман ба қайд гирифта мешаванд.

- Дар оғоз, вақте ки беморӣ ҳанӯз ягон нишонаи зоҳирӣ надорад, яъне дард намекунад ва худи ғадуд ламс карда намешавад, аз рӯйи кадом аломатҳо фаҳмидан мумкин аст, ки одам ба саратон гирифтор шудааст?

- Илми тиб марҳилаҳои бемории саратонро ба 4 давра ҷудо кардааст. Марҳилаҳои 1 ва 2 (стадияҳои 1-2) марҳилаҳои аввали беморӣ ба ҳисоб мераванд. Агар дар ин давра беморӣ сари вақт ошкор карда шуда, бемор табобатҳои заруриро бигирад, саратон дар 90-95% ҳолатҳо табобат мешавад. Аммо мушкил дар он аст, ки дар марҳилаҳои аввал нишонаҳои бемории саратон номуайян мегузаранд, яъне қариб ки дард намекунад, нишонаҳои дигари азиятовар надорад. Аз ҳамин сабаб аксарияти маризон ба духтур муроҷиат намекунанд. Ҳамин бепарвоӣ боис мешавад, ки саратон авҷ гирифта, реша медавонад ва ба дигар узвҳо паҳн гашта, ба марҳилаҳои 3-4 мегузарад. Табобаташ бисёр душвор ва дар баъзе ҳолатҳо ғайриимкон аст.

- Барои ташхиси саривақтии саратон чӣ бояд кард?

- Муайян кардани нишонаҳои аввалини бемории саратон вазифаи табибоне мебошад, ки дар сатҳи кумаки аввалияи тиббӣ фаъолият менамоянд ва дар давраи донишҷӯӣ дар бораи саратон маълумот гирифтаанд. Агар зиракии саратоншиносӣ дошта бошанд, чунин табибон метавонанд бо пай бурдани нишонаҳои аввалини беморӣ маризро ба ташхис фиристанд ва ба ошкор шудани беморӣ дар марҳилаҳои аввал мусоидат намоянд.

- Худи шахси ба саратон мубталогашта аз рӯйи кадом нишонаҳо метавонад бемориашро пай барад?

- Вобаста ба навъи беморӣ нишонаҳои саратон гуногун мешаванд. Агар саратони пӯстро бигирем, нишонаҳои аввалинаш пайдо шудани доғҳое мебошанд, ки рангашонро иваз мекунанд, сарҳади муайян надоранд, хеле зуд калон мешаванд ва дар баъзе ҳолатҳо аз онҳо қатраҳои хун мерезанд. Бемор ба табиби пӯст муроҷиат карда, табобат бигирад, дар ҳамон мавзеъ як муддат беҳбудӣ ба вуҷуд меояд, вале доғ ба пуррагӣ нест намешавад. Дар сурати чанд маротиба табобат гирифтану ба натиҷаи дилхоҳ нарасидан, бемор бояд ҳатман аз ташхисҳои саратоншиносӣ гузаронида шавад. Ба ҳамин монанд, зимни намудҳои дигари саратон, аз ҷумла саратони ғадудҳои ширӣ ва саратони гарданаки бачадон низ бо мушоҳида намудани нишонаҳои аввали беморӣ ҳатман бемор бояд ба назди табибони саратоншинос фиристода шуда, ташхисҳои зарурӣ анҷом дода шаванд ва мариз ба табобат фаро гирифта шавад.

- Дар Тоҷикистон айни замон шумораи шахсоне, ки ба намудҳои гуногуни саратон гирифтор мебошанд, чӣ қадар аст?

- Тибқи маълумоти Агентии омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар охири соли 2025 дар ҷумҳурӣ 23 733 нафар шахси гирифтори саратон ба қайд гирифта шудааст.

- Хатари пайдоиши омосҳои саратонӣ ва гирифтор шудан ба бемории саратон дар кадом тоифаи одамон бештар ба назар мерасад? Ирсият, муҳити зист ё фарбеҳӣ боиси ба саратон гирифтор шудани шахс шуда метавонад?

- Тибқи омори Вазорати тандурустӣ, бештар занҳо ба бемории саратон гирифтор мешаванд, ки сабаби асосиаш надонистани нишонаҳои аввалини бемории саратон ва бепарвоӣ нисбат ба бемориҳои пешазсаратонӣ мебошад. Айни замон дар байни тамоми намудҳои саратон дар ҷумҳурӣ саратони ғадудҳои ширӣ дар зинаи аввал ва саратони гарданаки бачадон дар зинаи дуюм қарор дорад. Омили ирсӣ низ ҳангоми баъзе намудҳои саратон, аз ҷумла саратони пӯст ҷой дорад.

- Агар модар ба саратон гирифтор шуда бошад, хатари ба ин беморӣ гирифтор шудан дар духтараш бештар аст ё дар наслҳои баъдӣ?

- На танҳо дар модар, балки дар сурати дар дигар аъзои оила мавҷуд будани саратон низ ҳатман чораҳои пешгирикунанда андешидан ва аз ташхисҳои зарурӣ гузаштан лозим аст.

Мусоҳиб Ф. САТТОРӢ

Тақвими

Ҳамал
21.03 - 20.04

Ин ҳафта барои ҳамалҳо давраи муносибест, ки бо одамони нав шинос шаванд ва вақти бештарро дар ҷамъомадҳо гузаронанд. Анҷом додани корҳои нотамом низ рӯҳияатонро болида месозад.

Савр
21.04 - 21.05

Ин ҳафта сайру гашт дар табиат ба шумо неруи тоза мебахшад. Ба масъалаҳои молиявӣ диққати ҷиддӣ дода, харочоти худро дуруст ба нақша гиред. Ҳоло барои иваз кардани ҷойи кор ё дигаргуниҳои ҷиддии касбӣ вақти муносиб нест.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар ҳаёти шахсиятон тағйироти ногаҳонӣ ва хушоянд дар назар аст. Ҳангоми шиносоӣ бо одамони нав эҳтиёткор бошед ва ба ҳар кас бовар накунед. Агар бо шахсе ба мувофиқа расида натавонед, баҳсро идома надиҳед. Вазъи молиявӣ тадриҷан беҳтар мешавад.

Саратон
22.06 - 23.07

Ин ҳафта эҳсосоти ошиқона метавонанд шуморо чунон фаро гиранд, ки вокеиятро дуруст дарк накунед. Ба ҳар сухане, ки мешунавед, бовар накарда, маълумотро санҷед. Рӯзи чоршанбе барои тағйир додани муҳити зиндагӣ ё тарҳрезии сафари оянда мувофиқ аст.

Асад
23.07 - 22.08

Ин ҳафта барои изҳори муҳаббат ва меҳрубонӣ ба наздикон мусоид аст. Ба шахси дӯстдоштаатон бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунед. Пешниҳоди кӯмаки шахси бонуфузро саросема қабул накунед, он метавонад дар оянда бароятон уҳдадориҳои гарон дошта бошад.

Сунбула
23.08 - 22.09

Дар ин ҳафта аз қабули пешниҳодҳои шубҳанок худдорӣ карда, корҳои душворро ба вақти муносибтар гузоред. Кӯшиш кунед, ки вақти бештарро бо наздикон гузаронед ва худро бо кори зиёд хаста накунед. Эҳтимол, яке аз дӯстони шумо ба дастгирӣ ниёз пайдо кунад.

Мизон
25.09 - 22.10

Ин ҳафта дар кор фаъол бошед, роҳбарият метавонад заҳмату кӯшишҳои шуморо қадр кунад. Пешниҳодҳои марбут ба пешрафти касбиро аз манфиати молиявии якдафъаина муҳимтар донед. Идеяи нав метавонад амалӣ гардад ва таваҷҷуҳи дигаронро ҷалб кунад.

Ақраб
23.10 - 22.11

Ин ҳафта барои амалӣ кардани нақшаҳои харид ва зиёд кардани пасандозҳо имконияти хуб фароҳам меояд. Аммо эҳтимоли дер расидани маблағ вуҷуд дорад, бинобар ин пулро сарфакорона истифода баред. Кӯшишҳоятон ниҳоят қадр карда мешаванд.

Қавс
25.11 - 21.12

Аввали ҳафта эҳтимол барои корҳои хона харочоти ғайринақшавӣ пайдо шавад. Кӯшиш кунед, ки ҳамаи масъалаҳоро бе асабоният ҳал намоед. Аз муноқиша бо наздикон ва ҳамкорон дурӣ ҷуста, диққати худро ба ҳадафҳо равона созед.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ин ҳафта шояд мачбур шавед, ки ба ҳалли баъзе масъалаҳои таъҷилӣ машғул шавед. Бо вуҷуди серкорӣ, барои истироҳат ва рушди шахсии худ низ вақт ҷудо кунед. Дар фаъолияти касбӣ обрӯ ва эътибори худро ҳифз намоед.

Далв
21.01 - 19.02

Дар ин ҳафта нисбат ба шахси дӯстдоштаатон серталаб набошед ва барои ҳар масъала баҳс накунед. Муҳаббат ва таваҷҷуҳи худро ошкоро баён кунед, зеро меҳрубонӣ муносибатҳоро мустаҳкам месозад. Аз баҳсҳои беҳуда дурӣ ҷӯед.

Ҳут
20.02 - 20.03

Ин ҳафта ба ҳар кас бовар накунед ва сирру нақшаҳои худро бо дигарон дар миён нагузоред. Агар яке аз наздиконатон барои маслиҳат муроҷиат кунад, шояд ӯ бештар ба дастгирӣ ва ҳамдардии шумо ниёз дошта бошад.

САДОИ ТАЪРИХ АЗ ДЕВОРҲОИ МАҚБАРА

Мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро, ки дар деҳаи Мазори Шарифи шаҳри Панҷакент воқеъ аст, на танҳо як иншооти меъморӣ, балки осорхонаи зиндаи таърих мебошад. Дар деворҳо, пештоқ ва рӯйи қабрҳои он катибаҳои кандакоришуда ва рангнавишт маҳфуз мондаанд, ки ҳар кадом аз гузаштаи пурғанованди фарҳанги халқи тоҷик ҳикоят мекунанд. Солҳои тӯлонӣ қисми зиёди ин осор зери қабатҳои гаҷандова, ки зимни таъмирҳои ғайрикасбии даврaҳои баъдӣ, бахусус замони шӯравӣ, рӯйи деворҳо кашида шуда буданд, пинҳон мондаанд.



Дар доираи «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2020–2025» ва бо ташаббуси Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ корҳои илмию барқарорсозӣ дар ин ёдгорӣ вусъат гирифтанд. Натиҷаҳо аз интизорӣ бештар буданд. Солҳои 2024–2025 аз ҷониби мо 67 катибаи таърихӣ муайян ва ба қайд гирифта шуд. Ин бозёфтҳо аз ҷумлаи дастовардҳои муҳими пажӯҳишҳои катибашиносии солҳои охир ба ҳисоб мераванд.


АБЁТИ САЪДӢ ДАР ДЕВОРИ МАҚБАРА

Дар байни катибаҳои ошкоршуда намунаҳои кандакорӣ ва рангнавишт мавҷуданд. Ҳар як катиба чаҳонест аз таърих, фарҳанг ва андешаи гузаштагон. Махсусан, катибаи рангнавиште, ки дар қисмати даромадгоҳи дохилии мақбара ошкор гардид, диққати моро ба худ ҷалб намуд. Дар он абёти машҳури устоди бузурги адабиёти форсу тоҷик Саъдии Шерозӣ сабт шудааст:

Эй забардасти зердастозор,
Гарм то кай бимонад ин бозор?
Ба чӣ кор оядат ҷаҳондорӣ,
Мурданат беҳ, ки мардум озорӣ?

Ин абёти пурҳикмат, ки асрҳо боз мардумро ба адолат ва инсондӯстӣ даъват мекунанд, имрӯз низ аҳамияти худро аз даст надодаанд. Ҳузури чунин суханони ахлоқӣ дар деворҳои мақбара нишон медиҳад, ки меъморӣ ва санъати хаттотӣ дар гузашта танҳо барои ороиши биноҳо набуда, балки воситаи тарбияи маънавии ҷомеа низ маҳсуб меёфтаанд.

Ин бозёфт аз пайванди амиқи адабиёт, меъморӣ ва арзишҳои ахлоқӣ дар фарҳанги гузаштагони мо шаҳодат медиҳад. Ҳунармандон бо сабти абёти шоирони бузург дар биноҳои таърихӣ на танҳо ба онҳо зебоӣ мебахшиданд, балки андешаҳои ахлоқию тарбиявиро низ ба наслҳои оянда мерасонданд.



КАТИБАЕ ДАР СИТОИШИ ИНСОН

Бозёфти дигари муҳими илмӣ катибае бо хатти насх аз пештоқи мақбара мебошад. Ин катиба зимни корҳои барқарорсозӣ ва бартараф намудани қабатҳои гаҷандоваи даврaҳои баъдӣ ошкор гардид.

Матни катиба чунин хонда мешавад:

للادنى عن الانسان مركا ام

Яъне: *«Чӣ қадар гиромӣ аст инсон назди Худо»*.

Ин чумлаи кӯтоҳ, вале пурмазмун арзиши волои инсонро дар таълимоти исломӣ таҷассум менамояд. Ҷойгир шудани чунин сухан дар пештоқи мақбара далели он аст, ки бунёдкунандагон ва ҳунармандони он давра ба масъалаҳои ахлоқ, маънавият ва эҳтироми инсон аҳамияти хос медодаанд. Аз нуқтаи назари илмӣ, катибаи мазкур аҳамияти бузург дорад. Он намунаи арзишманди хатти насх буда, барои омӯзиши таърихи хаттотӣ, рушди санъати меъморӣ ва анъанаҳои фарҳангии минтақа маълумоти нодир фароҳам меорад. Ҳар як ҳарф ва ҳар як ҷузъи ороишии он метавонад барои муайян намудани давраи сохтмони пештоқ, хусусиятҳои сабки меъморӣ ва мактаби хаттотии минтақа кумак расонад.

Омӯзиши чунин катибаҳо барои муайян намудани робитаҳои фарҳангии водии Зарафшон бо дигар марказҳои илмию адабии минтақа низ муҳим мебошад. Зеро катибаҳои таърихӣ дар баробари арзиши ҳунарӣ ва меъморӣ, ҳамчун сарчашмаҳои хаттӣ метавонанд маълумотеро ҳифз карда бошанд, ки дар дигар манбаъҳо ба мо нарасидааст.

67 КАТИБА - 67 САҲИФАИ ТАЪРИХ

Таҳқиқоти анҷомшуда нишон медиҳанд, ки мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро танҳо як ёдгории меъморӣ нест, балки маҷмӯаи арзишманди сарчашмаҳои таърихӣ мебошад. Катибаҳои ошкоршуда аз сатҳи баланди фарҳанг, маърифат ва ҷаҳонбинии сокинони минтақа дар асрҳои гузашта шаҳодат медиҳанд. Ҳар яке аз 67 катибаи муайяншуда метавонад мавзуи таҳқиқоти алоҳида бошад. Омӯзиши матн, навъи хат, усули иҷро ва ҷойгиршавии онҳо барои шинохти таърихи бино ва марҳилаҳои тағйирёбии он аҳамияти хос дорад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки корҳои хондан, таҳқиқ, аксбардорӣ ва ҳуҷҷатгузории илмии ин катибаҳо минбаъд низ идома ёбанд. Дар ин дастовард саҳми Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ва Муассисаи давлатии илмию истеҳсолии ҳифзу барқарорсозии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, ки таҳти роҳбарии З. Отахон фаъолият мекунад, назаррас мебошад.

Ҳамчунин, саҳми устод А. Шарфзода аз Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва директори Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Панҷакент М. Мизробзода дар корҳои омӯзишу таҳқиқ ва барқарорсозии ёдгорӣ қобили зикр аст.

Маҳз тавассути татбиқи усулҳои муосири барқарорсозӣ ва таҳқиқоти илмӣ имконият фароҳам омад, ки осори ниҳонмондаи таърих дубора рӯйи кор оянд.

МЕРОСЕ, КИ ҲАНӮЗ АСРОРИ ЗИЁДЕ ДОРАД

Имрӯз ҳар як катибаи ошкоршуда барои муҳаққиқон саҳифаи нави таърих аст. Онҳо ба мо имкон медиҳанд, ки фарҳанг, адабиёт, меъморӣ ва ҷаҳонбинии гузаштагони худро амиқтар бишносем. Аз ин рӯ, идомаи корҳои ҳифз, омӯзиш ва барқарорсозии чунин ёдгориҳо аҳамияти бузург дошта, барои таҳкими худшиносии миллӣ ва муаррифии мероси фарҳангии тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, ҳифзи катибаҳои тозаошкоршуда масъулияти бештареро тақозо мекунад. Зеро ҳар як катиба на танҳо як унсури ороишӣ, балки санади таърихӣ мебошад, ки осеб дидани он метавонад боиси аз байн рафтани маълумоти нодир гардад. Бинобар ин, омӯзиш ва барқарорсозии онҳо бояд бо риояи талаботи илмӣ ва усулҳои касбии ҳифзи ёдгориҳо сурат гирад. Мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро имрӯз на танҳо макони зиёрат ва ёдгории меъморӣ, балки ганҷинаи воқеии таърих мебошад. Катибаҳое, ки аз зери қабатҳои гаҷандова берун оварда шуданд, бори дигар собит месозанд, ки мероси фарҳангии миллати тоҷик ҳанӯз асрори зиёдеро дар худ нигоҳ доштааст ва ҳар бозёфти нав метавонад саҳифаи тозаи таърихи моро равшан намояд.

Р. Ш. РАҶАБЗОДА,
мудири шуъбаи бостоншиносии Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Панҷакент

МАВЛУДНОМА

5 НОЯБР

Аловаддин Баҳоваддинов (1911-1975), 115-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор, академики АИ Тоҷикистон, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино.

Аловиддин Бобоев (1931-1994), 95-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

Қурбон Ҷанобилов (1946-2001), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

6 НОЯБР

Роҳат Набиева (1936-2017), 90-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Нориниссо Юсуфова (1941-2013), 85-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор.

7 НОЯБР

Азиз Каримов (1926-1984), 100-солагии зодрӯзи жур¬налист.

Абдурофеъ Рабизода (Шераки Ориёӣ) (1951), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

8 НОЯБР

Раҳимҷон Аминҷонов (1966), 60-солагии зодрӯзи санъатшинос.

Валентина Зайтсева (1911-1977), 115-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

9 НОЯБР

Холбобо Баротов (1906-1959), 120-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони меҳнати Сотсиалистӣ.

Маҳкам Рауфов (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

10 НОЯБР

Маҳмадҷон Абдуллоев (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Абдусалом Додобоев (1966), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

Қурбон Талбаков (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

11 НОЯБР

Амирбек Абибов (Ҳабибов) (1916-1998), 110-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ.

Марямбонуи Фарғонӣ (1956), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

Александр Орлов (1901-1985), 125-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Башоратхон Тоҷибоева (1916-1966), 110-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:

(+992) **93 111 08 87**

МЕФУРӮШАМ

➔ Хонаи фурӯшӣ, 78 м.м., қабати 3, бинои 18-ошёна, коробка, то ошёнаи 3 сохта шудааст, хиёбони С.Шерозӣ, рӯ ба рӯи гардиши Яккачинор, дар роҳи калон. Тел. 948-25-20-20

ЭЪЛОНҲОИ ГУНОГУН

МЕФУРӮШАМ

➔ Пианинои нави олмониро мефурӯшам (Zimmermann и Petrof). Тел. 915-99-33-30

➔ Кумури Айнӣ. Кумури тоза. Сорти беҳтарин. Тел. 88-333-61-61

МЕХАРАМ

➔ Мехарам: зарфҳо, дегҳо, балонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, нишон, танга, ҳайкалча, мошинаи ҷомашӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта. Тел. 919-29-00-07, 003-777-001

➔ Мехарам: зарфҳо, дегҳо, балонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаи ҷомашӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпача ва пахта. Тел. 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУНОГУН

➔ Таъмири яхдон бо кафолат. Тел. 919-03-07-78, 934-65-89-54

НИЁЗ ДОРЕМ

➔ Ба маҳсгарбонувони дорои сертификат ниёз дорем, аз синни 20 то 35-сола. Тел. 880-08-27-08

➔ Ба маҳсгарбонувони дорои сертификат ниёз дорем, аз синни 20 то 35-сола. Тел. 98-118-88-81, 00-381-82-82

➔ Ба маҳсгарбонувони ботаҷриба ва дорои сертификат, дақиққор (пунктуальная), ҷисман барои маҳси варзишӣ мувофиқ ниёз дорем. Тел: 032414188, вотсапп 917766999

➔ Меҳмонхона фавран ба администратор ва ресепшн, шеф-повар, ошпаз, кочигар, сохтмончӣ, коргари хушкашӯй (работник для химчистки) ниёз дорад. Тел. 87-130-62-62, 917-65-36-53

➔ Ба маҳсгарбонувони дорои сертификат ниёз дорем, аз синни 20 то 35-сола. Тел. 98-118-88-81, 00-381-82-82

ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ A06118261 ба номи Маҳмадзода Субҳоналии Маҳмади, ки санаи 18.11.2025 аз ҷониби ШВКД н. Сангвор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11 №0146214 ба номи Алимова Дилрабо Суфибоевна, ки соли 2009 аз ҷониби МТМУ №11 н. И.Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ ОКА ПФ 36728 ба номи ҶДММ "Душанбе Палас", РМА: 010092795, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ ба номи Ёров Идрис Абдуманович, ки соли 2025, аз ҷониби ШВКД 2 н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатнома, иқтибос, оиннома ва муҳр ба номи ҶДММ "Мирзозода", РЯМ 1210000211, РМА 120032875 дар н. Рӯдакӣ, нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Курбанов Садулло Хайруллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, 1 проезди кӯчаи Улуғбек, хонаи 41, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Шоматов Абдумалик, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Чоргултеппа, деҳаи Сада, ки аз санаи 29.03.2019 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш бе эътибори дониста шавад.

➔ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ аз санаи 03.11.2025, таҳти феҳристи 155933, кӯчаи Гулбутта 1, хонаи 30, ноҳияи Фирдавсӣ, аз сабаби гум шуданаш бе эътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

➔ ҶДММ «Борбад» №0309861, РМА: 030038750, РЯМ: 0310026769, ноҳияи Фирдавсӣ барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

Project Coordinator, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 37437 /National Personnel Service Agreement/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 12 November 2026, 23:59 New York time

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

БАҲОНАҲОИ АЗ РУСИЯ РОНДАНИ МУҲОҶИРОН ДУ БАРОБАР ЗИЁД ШУД

Аз 3 ноябри соли 2026 дар Русия қонуни наве мавриди амал қарор гирифт, ки асосҳои ихроҷи шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла муҳоҷирони тоҷикро аз ин кишвар бештар мекунад. Тибқи тағйироти воридшуда ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Русия, теъдоди моддаҳое, ки ихроҷи хориҷиёнро пешбинӣ мекунанд, аз 22 ба 45 расид.

Ин тағйирот дар доираи сахттар кардани сиёсати муҳоҷирати Русия амалӣ шуда, акнун шаҳрвандони хориҷӣ на танҳо барои вайрон кардани қоидаҳои будубош ва фаъолияти меҳнатӣ, балки барои як қатор ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии дигар низ метавонанд ҷарима ва аз кишвар ихроҷ шаванд.

Тибқи қонуни нав, сарпечӣ аз иҷрои талаботи қонунии кормандони полис ва марзбонон, вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, иштирок дар гирдиҳамоиҳои беиҷозат, нашри маводи таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсон дар интернет ва амалҳои табъизомез метавонанд барои ихроҷи шаҳрвандони хориҷӣ асос шаванд.

Ҳамчунин, барои ба истилоҳ «бадном кардани артиши Русия», даъват ба ҷорӣ ё тамдид намудани таҳримҳои сиёсиву иқтисодӣ алайҳи ин кишвар, шаҳрвандон ва ширкатҳои он низ чунин ҷазо пешбинӣ шудааст.

Дар баробари ихроҷ, ҳаҷми ҷаримаҳо низ барои баъзе ҳуқуқвайронкуниҳо зиёд гардидааст. Масалан, ҷарима барои вайрон кардани қоидаҳои вуруд ва будубош ё фаъолияти меҳнатии ғайриқонунӣ аз 2-5 ҳазор рубли қаблӣ ба 4-7 ҳазор рубл расидааст. Аммо ихроҷ барои ҳамаи ҳуқуқвайронкуниҳо ҳатмӣ нест. Вобаста ба моддаи қонун ва ҳолатҳои мушаххас, мақоми ваколатдор ё суд метавонад ҷазои пешбинишударо таъйин намояд.

Вячеслав Володин, раиси Думаи давлатии Русия, чанд рӯз пеш аз мавриди амал қарор гирифтани тағйирот изҳор дошт, ки қонунҳои нав барои таҳкими амнияти ҷамъиятӣ ва танзими муҳоҷират қабул шудаанд. Ба гуфтаи ӯ, шаҳрвандони хориҷие, ки барои кору зиндагӣ ба Русия меоянд, бояд забони русиро донанд, таъриху фарҳанги ин кишварро эҳтиром кунанд ва қонунҳоро риоя намоянд.

Думаи давлатии Русия тайи солҳои охир даҳҳо қонун ва муқаррароти навро дар соҳаи муҳоҷират қабул кардааст. Сахттар шудани сиёсати муҳоҷират, махсусан баъди ҳамлаи террористӣ ба толори консертии «Крокус Сити Холл» дар моҳи марти соли 2024, суръат гирифт.

PRESSA.TJ ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

ЧУДО

ДУ НУҚРА ВА ЯК БИРИНҶИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК АЗ АБУ-ЗАБӢ



Аз 29 то 31-уми октябр дар шаҳри Абу Забии Амороти Мутаҳидаи Араб мусобиқаи Abu Dhabi Grand Slam 2026 баргузор шуд, ки дар он паҳлавонони Тоҷикистон низ ширкат карданд.

Дар рӯзи якуми мусобиқаи Abu Dhabi Grand Slam 2026 чудокорони тоҷик Лоиқ Қутбуддинов ва Искандар Маҳмадхоҷазода ба гирифтани нишонҳои нуқра ва биринҷӣ ноил шуданд. Дар финали мусобиқа Лоиқ Қутбуддинов (60 кг) бо Балабой Оғойев аз Озарбойҷон куштӣ гирифта, шикаст хӯрд ва соҳиби нишони нуқра гардид.

Искандар Маҳмадхоҷазода (-66 кг) бо мағлуб кардани Руслан Пашайев аз Озарбойҷон барандаи нишони биринҷӣ шуд. Дар рӯзи дуюми мусобиқа Масъуди Аҳмадзод дар вазни то 73 кг ба гирифтани нишони нуқра шарафёб гардид. Дар финали мусобиқа Масъуди Аҳмадзод бо намояндаи Марокаш Ҳассан Дуккалии 24 сола куштӣ гирифта, шикаст хӯрд ва соҳиби нишони нуқра гардид. Бинёмин Назиров (73 кг), Абубакр Боқиев (81 кг), Сунатулло Мусоев (81 кг), Музаммир Каримзода (-90 кг), Умар Расулов (-90 кг), Ҷаҳонгир Мачидов (-100 кг), Парвиз Абдураҳмонов (+100 кг) ва Шарифҷон Назриев (+100 кг) ном шуданд.

ZAGREB GRAND PRIX

МАЙДОНДОРИИ 11 ЧУДОКОРИ ТОҶИК ДАР ХОРВАТИЯ

Аз 13 то 15-уми ноябр дар шаҳри Загреби кишвари Хорватия мусобиқаи навбатии сайри ҷаҳонии чудо - Zagreb Grand Prix 2026 баргузор мешавад. Дар ин бора Федератсияи байналмилалии чудо (IJF) хабар додааст.

Тибқи иттилои манбаъ, Тоҷикистонро дар мусобқаи мазкур 11 чудокор – Меҳрзод Суфиев (-60 кг), Нурулло Аҳмадов (-60 кг), Искандар Маҳмадхоҷазода (-66 кг), Эҳсон Сафарзода (-66 кг), Абдуллои Ориф (-73 кг), Бахтиёр Бозоров (-81 кг), Шодмон Ризоев (-90 кг), Муҳаммадиқбол Тошов (-90 кг), Ҷаҳонгир Мачидов (-100 кг), Мансур Раҳмон (+100 кг) ва Парвиз Абдураҳмонов (+100 кг) муаррифӣ мекунанд.

Чудорони тоҷик давоми 2 соли охир дар мусобиқаҳои Zagreb Grand Prix 2024 ва Zagreb Grand Prix 2025 иштирок надоштанд. Соли 2023 бори охир намояндаҳои Тоҷикистон Обид Чебов (-66 кг) ва Ҷаҳонгир Мачидов (-90 кг) дар мусобиқаи Zagreb Grand Prix 2023 ширкат варзида, бидуни нишон монда буданд.



ФУТБОЛ

НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧҶ-2026 ВА ФЕСТИВАЛИ FIFA ҒОЛИБИ ДИВИЗИОНИ «D»

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-15)дар Чемпионати ҷаҳон-2026 ва фестивали FIFA, ки дар Озарбойҷон доир шуд, ғолиби дивизиони «D» шуд.

Даста бо роҳбарии сармураббӣ Нуъмон Юсуфов 10 бозӣ анҷом дод. Дар ҳафт дидор дастаи Тоҷикистон бар дастаҳои мунтахаби Барбадос (7:0), Ҷазираҳои Бермуд (7:1), Кувайт (3:0), Филиппин (3:0), Литва (5:2), Ҷумҳурии Доминикан (3:0) ва Канада (4:2) пирӯз шуд. Як бозӣ бо мунтахаби Чилӣ бо ҳисоби мусовии 1:1 анҷом ёфт. Дар ду дидори дигар наврасони тоҷик аз ҳамсолони худ аз Конго (2:3) ва Испания (1:6) мағлуб шуданд.



Ин аввалин мусобиқа дар таърихи FIFA буд, ки дар он 189 даста иштирок кард. Пас аз анҷоми мусобиқа FIFA мавқеи ниҳоии дастаҳоро эълон кард. Ин нахустин раддабандии созмон дар ин синну сол буда, бар асоси натиҷаҳои бозиҳое тартиб дода шуд, ки ҳамзамон ва дар як макон баргузор гардиданд. Дар натиҷа, дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон зинаи 97-умро соҳиб шуд.

КУРАШ

ТОҶИКИСТОНРО ДАР XV ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН 7 ПАҲЛАВОН МУАРРИФӢ МЕКУНАНД

Аз 4 то 9-уми ноябри соли 2026 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон Чемпионати 15-уми ҷаҳонии кураш баргузор мешавад.

Дар ин мусобиқаи бонуфузи байналмилалӣ Тоҷикистонро ҳафт паҳлавон намояндагӣ хоҳанд кард. Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон Ҳақдод Гулов дар вазни то 60 кг, Сарвар Абдушукуров дар вазни то 66 кг, Умар Шеров дар вазни то 73 кг, Наврӯзи Каримзод дар вазни то 81 кг, Ҳақназар Назаров дар вазни то 90 кг, Саидҷамол Алимардонов дар вазни то 100 кг ва Фирдавс Насимов дар вазни то 120 кг шомиланд.



РЕЗААХБОР



Пойгарони тоҷик Бежан Абдуллоев дар чараёни санҷишҳои «Формула-3» дар Чин ҷойи аввалро ишғол карда, чанд рекорд гузошт. Ӯ дар давоми се даври санҷишӣ вақти тай кардани масирро ба таври назаррас беҳтар кард ва аз рақиби наздиктарини худ беш аз шаш сония пеш гузашт. Ин дастоварди ӯ сазовори баҳои баланди коршиносон дар «Формула-1» шуд.

***

AFC санаи баргузории Ҷоми Осиё-2027-ро, ки мебоист аз 7-уми январ то 5-уми феврали соли 2027дар Арабистони Саудӣ баргузор мегардид, ба таърихи 23-юми декабри соли 2027 то 21-уми январи соли 2028 иваз кард. Сабаби асосӣ вазъияти фавқулода дар минтақа, мушкилоти чиддии логистикӣ ва маҳдудиятҳои марбут ба рафтуомад арзёбӣ мешавад. Дар ин мусобиқа Тоҷикистон дар гурӯҳи “D” бо дастаҳои Австралия, Ироқ ва Сингапур бозӣ мекунад.

***

Варзишгарони чиу-ҷитсуи Тоҷикистон дар сабқати AJP Tour Tashkent Regional 2026 дар ду ришта – Gi (бо кимоно) ва No-Gi (бе кимоно) рақобат карданд ва 62 нишон ба даст оварда, дар ҳайати дастаӣ якум шуданд. Дар ҷамъбасти мусобиқа намояндагони Тоҷикистон соҳиби 35 ҷоизаи тило, 19 нуқра ва 8 биринҷӣ шуданд.

***

Дар доираи омодагӣ ба марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2028 оид ба футзал, дастаи миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пайрав Воҳидов дар рӯзҳои ФИФА-и моҳи ноябр ду бозии дӯстона анҷом медиҳад. Ҳарифи дастаи Тоҷикистон тими миллии Ӯзбекистон хоҳад буд. Вохӯриҳо рӯзҳои 8 ва 10-уми ноябр дар шаҳри Тошканд баргузор мешаванд.



САД СОМОНӢ

Раиси суд дар мурофиаи судии ҷинояткоре, ки бо мақсади ғорат кардани пиразан ӯро кушта буд, ба қотил савол медиҳад:

- Шумо барои чӣ пиразанро ба қатл расонидед? Охир, дар ҳамёни ӯ ҳамагӣ 20 сомонӣ буд.

Қотил:

- Хайр чӣ? Панҷ пиразанро кушам, сад сомонӣ мешавад!

ҲАМДУНА

Дар боғи ҳайвонот:

- Дада, ин ҳамдуна ба мо бад-бад нигоҳ дорад...

Падар:

- Ором писарам, ҳоло мо дар назди хазинадор қарор дорем.

ГУРБА

Шавҳар ҳангоми мастӣ гурбаеро ба хонааш меорад. Дарро занаш мекушояд. Мард мегӯяд:

- Ин ҳамдуна, аз ҷангал.

Занаш асабӣ шуда, дод мезанад:

- Ин ҳамдуна не, гурба аст!

Мард гапашро бурида:

- Халал нарасон, ман бо гурба гап мезанам.

ДАСТНОРАС

Марде ба дӯсташ ҳасрат мекунад:

- Зани ман мисли телефони мобилӣ аст.

- Чӣ хел?-ҳайрон мешавад дӯсташ.

- Вақте пул надошта бошам, муваққатан дастнорас мешавад.

КОСМЕТИКА

Шавҳар ба занаш мегӯяд:

- Занак, ту барои харидани косметика чунон пули зиёд сарф мекунӣ, ки агар чунин давом кардан гирад, ман девона мешавам!

Зан:

- Азизам, агар ту маро бе косметика медидӣ, барвақт девона мешудӣ!

ДӮСТДОРӢ

Аз оқиле пурсиданд:

- Оё як мард якбора ду занро дӯст дошта метавонад?

Оқил дар ҷавоб:

- Дӯст дошта наметавонад, вале фиреб карда метавонад.

Мард:

- О ман роҳи зиндагиямро ёфтам дия. Чунин занакро ёфтан кори осон мӣ?

ҚАТОРИ АВВАЛ

Шайхи чавоне дар таваллудхона аз тиреза тифлакони навзодро тамошо мекунад ва баъдан аз ҳамшираи тиб мепурсад:

- Тифлакони ман кадоманд?

Ҳамшира мегӯяд:

- Қатори якуму дуюм ҳамааш тифлони шумоянд, аълоҳазрат...

КОНЯК

Марде ҳамарӯза коняк менӯшид. Занаш барои майнӯшӣ ӯро мазаммат менамуд.

- Як мардаки калон, шарму ҳаёро намедонед? Магар бо конякнӯшӣ рӯзгорро пеш бурда мешавад?

Мард дар ҷавоб:

- Ту мӯйдарози ақлкӯтоҳ, фикр мекунӣ, ки бо дӯғобнӯшӣ рӯзгорамон пеш меравад?

СУРА

Дар рафти имтиҳон профессор аз донишҷӯ мепурсад:

- Ҷавони хуб, шумо аз рӯи шпаргалка чиро хонда истодаед?

Донишҷӯ:

- Устод, ин сура аст.

ШАРТ

Марде ба занаш, ки хеле шаттоҳу лӯлӣ буд, пули 200-сомонаро нишон дода, мегӯяд:

- Занак, агар рафта дар хонаи волидонат як ҳафта истӣ, ҳамин пулро медиҳам.

Зан розӣ шуда мераваду баъди як рӯз гашта меояд. Мард ба ғазаб омада:

- Чаро омадӣ? Маслиҳатамон чӣ буд?

Зан мегӯяд:

- Падарам ба ман 2 ҳазор сомонӣ дод, ки ба хонаи шавҳарат рафта, дигар набиё!

ОЛИМ

Марде барои гирифтани хонаи ичора меояд. Соҳибхона хонаҳоро ба ӯ нишон медиҳад:

- Дар ин хона пеш аз шумо олими кимиё зиндагӣ мекард. Таҷрибаҳои худро дар ҳамин уток анҷом медод.

Мард мегӯяд:

- Ҳаа, фаҳмо. Дар сақфи хона натиҷаи таҷрибаҳои ӯ будагист?

Соҳибхона:

- Нее, ин худи олим аст.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

КОРДОН

Марде ба рафиқаш мегӯяд:

- Занам аз ман маоши зиёдтар мегирад. Бозорӣ мекунад, пули барқу обро ҳам медиҳад.

Рафиқаш дар ҷавоб:

- Айб аст ҷӯра, айб! Мард бояд кордону пулёб бошад, роҳи зиндагиашро худаш ёбад!

Сканворд

